ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ШАҲРИ САРБАНД
ҚАРОР

№ 71 аз «24» июля соли 2015 ш. Сарбанд

Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии
шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020

Бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои стратегии давлатӣ дар шаҳр, мутобиқи моддаҳои 8, 9, 20 -и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Сарбанд даъвати панҷум қ а р о р м е к у н а д:

1.Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020 бо назардошти тағйироту иловаҳо тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Муовини якум, муовин, роҳбари дастгоҳи раиси шаҳр, мудирони шуъбаву бахшҳои дастгоҳи раиси шаҳр, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, раисони ҷамоатҳои деҳот, роҳбарони корхона, ташкилоту муассисаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста аз шакли моликият) дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои болоӣ, созмонҳои байналмилалӣ, институтҳои молиявӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ ҷиҳати амалӣ намудани Барномаи мазкур тадбирҳои мушаххас андешанд.

3. Мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, сардори Раёсати молияи шаҳр вазифадор карда шаванд, ки ҳамасола ҳангоми таҳияи буҷети маҳаллии шаҳр иҷроиши самараноки Барномаро ба инобат гиранд.

4. Муовини якуми раиси шаҳри Сарбанд вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати рафти иҷрои Барнома ҳар сол моҳи декабр ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Сарбанд ҳисобот манзур намояд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якум, муовин ва роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Сарбанд вогузор карда шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони
халқи шаҳри Сарбанд Қ. Чиллазода

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ**
**ДАВЛАТИИ ШАҲРИ САРБАНД**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРИ САРБАНД

## барои солҳои 2016-2020

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот** ........ **5**
**Пешгуфтор** ........ **6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ САРБАНД** ........ **10**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ** ........ **14**
2.1. Соҳаи саноат ........ 14
2.2. Соҳаи кишоварзӣ. ........ 19
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ........ 30
2.4. Сохтмон ........ 36

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ** ........ **40**
3.1. Соҳаи маориф ........ 40
3.2. Соҳаи тандурустӣ ........ 45
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ........ 49
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ........ 55
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ........ 56

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР** ........ **59**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ........ 59
4.2. Таъмини барқ ........ 61
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ........ 63
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ........ 65

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА** ........ **66**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ........ 66
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ........ 67

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ** ........ **70**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ** ........ **73**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди шаҳри Сарбанд аз рӯи соҳаҳо** ........ **74**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БМШ | Беморхонаи марказии шаҳр |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноат |
| ГК | Гурӯҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФ | «ХМК» Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» |
| КПМО | Кумитаи падару модарон ва омӯзгорон |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МНДСЭ | Муассисаи назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ |
| МДНРА | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Сарбанд шаҳри саноатию аграрӣ буда, аҳолии шаҳрии он асосан дар корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва аҳолии деҳот бошанд ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Шаҳр дар тақсимоти меҳнатии вилояти Хатлон ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти саноатӣ маҳсуб меёбад. Мавҷудияти қувваи кории маҳаллӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноату кишоварзӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Айни замон иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва захираҳои табиӣ бо сабаби баста шудани роҳи оҳан ва набудани гази табиӣ, ҷалб нагардидани сармояи хориҷию ватанӣ ва ворид нагаштани технологияи нав пурра фаъолият намекунанд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори шаҳр, «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020» таҳия карда шуд. Дар сурати ба кор даровардани иқтидорҳои бекорхобидаи истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки захираю воситаҳои имконпазир, соҳаҳои саноат, инфрасохтор ва иқтисодиёти шаҳр мунтазам рушд хоҳад кард. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи шаҳри Сарбанд мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба рушди устувори иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ мерасонанд ва мақсади асосии Барнома дар панҷ соли оянда ҳаллу фасл ва бартараф намудани ин мушкилиҳо мебошад. Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии шаҳру деҳот, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ, ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори заминавии иҷтимоӣ буда, он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ, болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳр бо ҷалби ҳамаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ иҷрои тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст. Зимнан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар Барнома гузоштašуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Сарбанд тамоми имкониятҳо истифода хоҳад шуд. Рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр дар солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ гардида, он заминаи асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад.

Дар раванди тарҳрезии Барнома талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015» ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудаанд. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо Амри Раиси шаҳри Сарбанд №37 аз 12 марти соли 2015 (оид ба таҳияи барномаи рушди шаҳр) тасдиқ гардидааст, таҳия шуда, дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) шаҳр ҷалб гардиданд.

*Сарчашмаҳои маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020» аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети вилоятӣ | Буҷети маҳаллӣ | Сармояи хориҷӣ | Соҳибкорони маҳаллӣ ва аҳолӣ | Лоиҳаҳое, ки сарчашмаи маблағгузориаш он номуайян аст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 962317 | - | - | - | 939600 | 20967 | 1750 |
| Кишоварзӣ | 15960 | 3044 | - | 21 | 645 | 7650 | 4600 |
| Соҳибкории хурду миёна | 14400 | - | - | - | - | 14400 | - |
| Сохтмон | 24602,8 | 13100 | 3500 | 2002,8 | 6000 | - | - |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 1017279,8 | 16144 | 3500 | 2023,8 | 946245 | 43017 | 6350 |
| Маориф | 23550 | 6000 | - | - | 11050 | 6500 | - |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 6180 | 330 | - | 350 | 4000 | 1500 | - |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 53700 | 750 | - | 1100 | - | 51850 | - |
| Ҳамагӣ, блоки ҳифзи иҷтимоӣ | 83430 | 7080 | - | 1450 | 15050 | 59850 | - |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 12975 | 630 | - | - | 12345 | - | - |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 1555 | 1200 | - | 260 | 95 | - | - |
| Барқтаъминкунӣ | 1089217 | 24337 | - | - | 1064880 | - | - |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 25750 | 14050 | - | 9500 | 2200 | - | - |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 1129497 | 40217 | - | 9760 | 1079520 | - | - |
| Ҳифзи муҳити зист, ХФ ва МГ | 1150 | 900 | - | - |  | - | 250 |
| Таъминоти захиравӣ | 340 | 30 | - | 310 | - | - | - |
| Ҳамагӣ, арзиши БРШ Сарбанд | 2231696,8 | 64371 | 3500 | 13543,8 | 2040815 | 102867 | 6600 |

Ҳадафи асосии Барнома ба кор даровардани иқтидорҳои нав ва бекорхобидаи саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардуми шаҳру деҳот мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрро барои давраи миёнамӯҳлат муайян мекунад.

Ба Барномаи рушди шаҳри Сарбанд дар маҷмӯъ 95 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 2231,7 миллион сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 43 лоиҳа бо маблағи 1017,3 миллион сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 23 лоиҳа бо маблағи 83,5 миллион сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 22 лоиҳа бо маблағи 1129,5 миллион сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 2 лоиҳа ба маблағи 1,1 миллион сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулоддаю мудофиаи граждании ва 5 лоиҳа бо маблағи 0,3 миллион сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

Бо мақсади татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020» аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **2231,7 миллион сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 64,4 миллион сомонӣ;

Буҷети вилоят 3,5 миллион сомонӣ;

Буҷети шаҳр 13,5 миллион сомонӣ;

Сармояи хориҷӣ 2040,8 миллион сомонӣ;

Соҳибкорони маҳаллӣ ва аҳолӣ 102,9 миллион сомонӣ;

Лоиҳаҳое, ки сарчашмаи маблағгузориашон номуайян 6,6 миллион сомонӣ.

Шаҳри Сарбанд дорои Нақшаи генералӣ (Нақшаи генералии нави шаҳри Сарбанд аз тарафи ҶСК «Шаҳрофар»-и шаҳри Душанбе таҳия гардида, бо қарори иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон №617, аз 27 сентябри соли 2012 тасдиқ гардидааст) буда, тибқи он ҷойгиркунии иншоотҳо ва ободонии шаҳр амалӣ мегардад.

*Расми 1. Нақшаи генералии шаҳри Сарбанд*



# БОБИ 1. ШАРҲИ ВАЗЪИ ВОҚЕӢ

**Сохти маъмурию ҳудудии шаҳр.** Шаҳри Сарбанд 2,4 фоизи ҳудуди умумии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Шаҳри Сарбанд дар қисми ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии зарнисори Вахш ҷойгир буда, ба ҳайати вилояти Хатлон дохил мешавад. Масоҳати умумии он 131,09 км$^2$-ро ташкил менамояд. Шаҳри Сарбанд бо ноҳияҳои Данғара, Бохтар, Вахш ва Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамсарҳад мебошад. Масофаи байни шаҳри Сарбанд то маркази вилояти Хатлон-шаҳри Қӯрғонтеппа 17 километр ва то шаҳри Душанбе 115 километрро ташкил медиҳад.

Ҳудуди шаҳр аз маркази маъмурии он шаҳри Сарбанд ва ду ҷамоати деҳот, аз ҷумла Гулистон ва Ваҳдат иборат аст. Ҷамоати деҳоти «Гулистон» аз 6 деҳа ва ҷамоати деҳоти «Ваҳдат»-и шаҳр аз 8 деҳа иборат мебошанд.

**Маълумоти демографӣ.** Шумораи умумии аҳолии шаҳри Сарбанд ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 41 564 нафар буда, аз он 50,7%-ро занҳо ташкил медиҳанд. Зичии аҳолӣ дар 1 км$^2$ ба 317 нафар рост меояд. Воқеан, 37% аҳолӣ дар шаҳр ва 63%-и он дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Давомнокии миёнаи умр дар шаҳр 65,7 солро ташкил медиҳад.

*Шумораи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва аҳолии шаҳри Сарбанд бо таносуби ҷинсӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2015.*

| Ҷамоатҳо | Масоҳати умумии ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Хоҷагиҳои хонаводаги | Ҳамагӣ аҳолӣ | Аз ҷумла: | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Мардҳо | Занҳо |
| Шаҳраки Сарбанд | 103,11 км 2 | - | 3631 | 15380 | 7408 | 7972 |
| Ҷамоати деҳоти «Гулистон» | 27,2 км 2 | 6 | 2167 | 18144 | 8955 | 9189 |
| Ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» | 0,78 км 2 | 8 | 1123 | 8040 | 4123 | 3917 |
| Ҳамагӣ: | 131,09 | 14 | 6921 | 41564 | 20486 | 21078 |

Аҳолии шаҳри Сарбанд асосан аз тоҷикон – 34 486 нафар, ӯзбекон – 6 757 нафар, русҳо 150 нафар ва дигар миллатҳо 171 нафар, иборат аст.

*Таркиби синнусолии аҳолии шаҳри Сарбанд ба 1-уми январи соли 2015*

| Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 7034 | 3397 | 48,3 |
| Одамони синни миёна 15-62 | 32676 | 16955 | 51,9 |
| Одамони синни нафақа (63 мард/58 зан) | 1854 | 726 | 39,2 |
| Ҳамагӣ: | 41564 | 21078 | 50,7 |

Дар сохтори синнусолии аҳолӣ, шумораи кӯдакони синни то 14 сола 16,9%, аҳолии синну соли миёна (қобили меҳнат) 78,6% ва аҳолии синни нафақа 4,5%-ро ташкил медиҳад.

*Ҳолати демографии шаҳри Сарбанд дар солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | Шумораи фавт | Афзоиши табии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ, ҳазор нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 1078 | 143 | 935 | 2,4% | 41,2 |
| 2013 | 998 | 133 | 865 | 2,7% | 41,8 |
| 2014 | 1430 | 172 | 1258 | 3% | 41,6 |

Тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо, суръати миёнаи солонаи афзоиши табиии аҳолӣ дар шаҳри Сарбанд дар панҷ соли оянда 2,21 фоизро ташкил дода, зиёдшавии шумораи аҳолии шаҳр то соли 2020 ба 46 ҳазор нафар дар назар дошта шудааст, ки нисбати соли 2014 ба 4,4 ҳазор нафар зиёд мебошад. Бо назардошти тағйирёбии вазъи демографии шаҳр ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ то соли 2020 зарурияти ташкил намудани 820 ҷойҳои нишаст дар мактабҳои асосӣ, 495 ҷойҳои нишаст дар муаасисаҳои томактабӣ, сохта ба истифода додани 23,6 ҳазор м$^2$ манзилҳои истиқоматӣ ва таъсиси 5,7 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ ба миён меояд.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди афзоиши аҳолии шаҳри Сарбанд дар солҳои 2011-2020 (ҳазор нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2014с. Ҳисобот | 2015с. Баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | 2020 с. нисбати 2014 с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016с. | 2017с. | 2018с. | 2019с. | 2020с. | |
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар), аз он ҷумла: | 41,6 | 41,6 | 42,4 | 43,2 | 44,0 | 45,0 | 46,0 | 110,6% |
| шаҳрӣ | 15,8 | 15,8 | 16,1 | 16,4 | 16,7 | 17,1 | 17,5 | 110,6% |
| деҳотӣ | 25,8 | 25,8 | 26,3 | 26,8 | 27,3 | 27,9 | 28,5 | 110,5% |

**Шарҳи таърихию фарҳангӣ.** Шаҳри Сарбанд зодаи даврони истиқлолият буда, он бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №247, аз 2 феврали соли 1996 дар ҳайати вилояти Хатлон аз ҳисоби хурд кардани ноҳияҳои Бохтар ва Куйбишев (ҳозира Абдураҳмони Ҷомӣ) бо маркази маъмуриаш дар шаҳри Калининобод таъсис дода шудааст.

То 2 феврали соли 1996 шаҳри Сарбанд бо номи шаҳри Калининобод арзи вуҷуд дошта, ба ҳайати шаҳри Қӯрғонтеппа дохил гардида, яке аз шаҳрҳои тараққикардаи саноатии ҷумҳурӣ ба шумор мерафт.

Соли 1996 ба ҳайати шаҳри навтаъсиси Сарбанд деҳоти Гулистон, деҳаҳои Булакдашт, Туятоши ҷамоати шаҳраки Бустонқалъаи ноҳияи Бохтар ва деҳаи Загертути деҳоти ба номи Калинини собиқ ноҳияи Куйбишев дохил карда шуданд.

Таърихи шаҳр ба сохтмони канали магистралии барои обёрии водии Вахш (солҳои 1930-1932) сохташуда зич алоқамандӣ дорад. Солҳои 30-ми асри гузашта, дар мавзеи ҳозираи шаҳри Сарбанд сохтмони зарбдори обёрии водии Вахш бо номи Вахшстрой оғоз гардида, на танҳо ба ободии шаҳри имрӯзаи Сарбанд, балки тамоми водии зарнисори Вахш замина гузошт.

Пас аз оғози сохтмони Неругоҳи барқи обии Сарбанд (аз санаи 20 июли соли 1960) ва дар соли 1963 ба кор даромадани он сохтмони шаҳр ҳамчун шаҳри стратегию саноатӣ оғоз гардидааст. Силсилаи Нерӯгоҳҳои Барқи Обии Вахш аз 1 октябри соли 1964 дар базаи Нерӯгоҳи «Шаршара», ки соли 1959 мавриди истифода қарор дода шуда буд ва Неругоҳи «Сарбанд» соли 1963 муваққатан ба кор даровард шуда, соли 1966 ба истифодаи пурра дода шуд. Нерӯгоҳи «Марказӣ» бошад, соли 1964 муваққатан ва моҳи апрели соли 1966 пурра ба истеҳсоли барқ шурӯъ намуд. Иқтидори муқарраргардидаи Силсила Неругоҳҳои Барқи Обии Вахш 240 000 квт\соат мебошад.

Махсусан баъди сохта шудани Заводи нуриҳои азотии Вахш (ҳозира КМ ҶСП «Тоҷик-Азот»), ки яке аз калонтарин корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ба шумор меравад, шаҳр ҳамчун шаҳри кимиёгарон (химикҳо) дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он шинохта шуд.

**Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо**. Шаҳри Сарбанд дар қисмати ҷанубии дарёи Вахш ҷойгир шудааст. Иқлими он континенталии хушк буда, ҳарорати миёнаи солона дар тобистон то 48 дараҷа гарм ва дар зимистон то 10 дараҷа хунук мешавад. Миқдори боришот дар шаҳр дар як сол аз 320 то 460 мм сурат мегирад. Шароитҳои иқлимии шаҳри Сарбанд барои пешбурди фаъолияти кишоварзӣ махсусан растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ мусоид мебошад.

**Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ.** Сарбанд асосан шаҳри саноатӣ буда, шумораи корхонаҳои саноатии он имрӯз зиёда аз 24 ададро ташкил медиҳад. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 беш аз 138 миллиону 956,7 ҳазор сомониро ташкил дод, ки 117%-и дурнаморо ташкил медиҳад.

Корхонаи бузургтарини шаҳр Заводи нуриҳои азотии Вахш, нахустин корхонаи бузурги кимиёвии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар соли 1967 бо ду хати технологии истеҳсоли аммиак ва карбамид фаъолияти худро оғоз кардааст. Иқтидори солонаи истеҳсолии ин корхона дар як сол 110 ҳазор тонна аммиак ва 180 ҳазор тонна карбамид мебошад. Соли 1972 дастгоҳи ҳавоҷудокунии КА-5 ва компрессори газии 6М40-320/320 дар сехи аммиак васл карда шуд ва бо ин иқтидори истеҳсоли аммиак аз 110 ҳазор тонна ба 123,6 ҳазор тонна зиёд карда шуд. Моҳи августи соли 1980 дастгоҳи тозакунии гази табиӣ аз пайвастагиҳои сулфур сохта ба истифода дода шуд. Дар соли 1983 истеҳсоли аммиак ба 121338 тонна ва дар соли 1985 истеҳсоли карбамид 192 ҳазор тонна расонида шуд. Корхона карбамид, аммиак, дуоксиди карбон ($CO_2$), оксигени газӣ ($O_2$), нитрогени моеъ ($N_2$) истеҳсол менамояд. Карбамид барои кишоварзӣ, аммиак барои истеҳсолоти саноатӣ, дуоксиди карбон барои саноати сабук (хӯрока) ва барои эҳтиёҷоти технологии корхонаи мазкур, оксигени газӣ барои тиб ва кафшери газӣ, нитрогени моеъ барои хоҷагиҳои чорвопарварӣ истифода бурда мешавад.

Дар корхона ба ғайр аз сеххои истеҳсоли аммиак, карбамид, буғ ва обтаъминкунӣ, боз сеххои ёрирасони таъмири механикӣ, таъмири таҷҳизотҳои барқӣ, барқтаъминкунӣ, асбобҳои назоратию ченкунанда ва автоматика, инчунин шӯъбаи марказонидашудаи назорати техникӣ ва ташхисгоҳи санитарӣ вуҷуд доранд.

Дар асоси қарори коллегияи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон №184 аз 22.09.1999 номи Заводи Нуриҳои Азотии Вахш ба ҶСШК «Азот» иваз карда шуд.

Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №560 аз 18 декабри соли 2001 дар заминаи ҶСШК «Азот», Корхонаи Муштараки Тоҷикистону Кипр «Тоҷик Азот» дар шакли пӯшида ташкил карда шуд.

ҶСП КМ «Тоҷик-Азот» бо дастгоҳҳои муосири системаи идораи автоматикунонии протсесҳои технологӣ (АСУ ТП) таҷҳизонида шуда, бисёрии хатҳои технологии корхона бо дараҷаи баланди автоматикунонӣ афзалият доранд.

Маҳсулоти корхона на танҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар хориҷи кишвар, аз ҷумла ба Афғонистон, Эрон, Туркманистон, Украина, Маҷористон, Лаҳистон, Словакия ва Руминия содирот карда шудааст.

Шумораи умумии коргарони корхона 727 нафарро ташкил медиҳад, айни замон 258 нафари онҳо кору фаъолият намуда истодаанд. Коргарони дигар бинобар сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ дар рухсатии меҳнатии бемузд мебошанд.

Дар соли 2014 Силсилаи неругоҳҳои барқи обии Вахш истеҳсоли қувваи барқро ба 1 миллиарду 061,1 миллион квт\соат расонид, ки нисбати соли 2013 ба андозаи 25,7 миллион квт\соат кам мебошад, ки сабаби асосии он дар ин давра дар таъмири асосӣ қарор доштани ду агрегати он буд.

Дар дигар корхонаҳои шаҳр низ ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот чораҳои зарурӣ андешида шуда, дар соли 2013 боз як корхона нави - Корхонаи коркардаи пахтаи «Субҳи Сарбанд» сохта ба истифода дода шуда, дар соли 2014 ба маблағи 11 миллиону 844,7 ҳазор сомонӣ маҳсулоти аввалияи пахта истеҳсол намуд.

Дар корхонаҳои саноатии шаҳр нуриҳои минералӣ, қувваи барқ, орд, обҳои нӯшокиву хиштҳои ороишии роҳравҳо ва семент истеҳсол карда мешаванд.

Дар соҳаи кишоварзӣ баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳа ва иҷрои барномаҳои дар ин самт қабулгардида тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардиданд.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ ба 98 миллиону 158,6 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбати соли 2013 ба андозаи 102,2 % зиёд мебошад.

Шумораи хоҷагиҳои хурду калони деҳқонӣ дар шаҳри Сарбанд аз 84 ба 90 адад расонида шуд. Дар соли 2014 пахтакорони шаҳри Сарбанд дар вилоят ва ҷумҳурӣ

аввалин шуда аз иҷрои нақшаи истеҳсолӣ баромаданд. Аз майдони 900 гектар 2195 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуда, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 24,3 сентнерӣ расонида шуд. Ҳаҷми истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ низ барзиёд иҷро гардида, 350 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷи кишвар содирот гардид.

Саршумори чорвои калони шохдор дар шаҳр ба 6438 сар, чорвои майда 26741 сар ва парранда ба 26180 сар расонида шуд. Барои зимистонгузаронӣ хоҷагиҳои чорводорӣ захираи зарурии хӯроки чорво, аз ҷумла 3082 тонна хошоки дурушт ва 750 тонна хӯроки ширадор захира карданд.

Имрӯз дар шаҳри Сарбанд 1 литсейи касбӣ, 2 литсейи давлатӣ, 12 мактаб ва 3 кӯдакистон фаъолият менамоянд. Дар онҳо 10563 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 608 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Имсол боз 26 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор шурӯъ намуда, мактабҳои шаҳр пурра бо омӯзгорон таъмин мебошанд.

Дар 3 муассисаи томактабии амалкунанда 492 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд. Соли 2014 барои истироҳати тобистонаи мактаббачагон аз буҷети маҳаллии шаҳр 38,1 ҳазор сомонӣ маблағҳо ҷудо карда шуд.

## Биниши Рушди/Хадафи/Натиҷаи стратегии маҷмуии иқтисодиву иҷтимоии миёнамӯҳлати шаҳри Сарбанд

*Сарбанд–шаҳри индустриалии аз ҷиҳати иқтисодӣ бонизом рушдёфта ва дорои истеҳсолоти саноатии ба содирот нигаронидашуда, бо соҳибкории хурду миёнаи равнақёфта, дорои хизматрасониҳои хушсифати иҷтимоиву инфрасохторӣ мебошад, ки ин боиси беҳтар шудани сифати зиндагӣ ва хушбахтии аҳолӣ шудааст.*

*Таҳлили SWOT*

| | Омилҳои мусоидаткунандаи рушд | Омилҳои боздорандаи рушд |
|---|---|---|
| Омилҳои дохилӣ/ омилҳое, ки аз ноҳия вобастагӣ доранд | **Тарафҳои қавӣ**<br>• Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони баландихтисос;<br>• Мавҷудияти корхонаҳои саноатӣ;<br>• Таҷрибаи пешқадам ва фазои мусоиди рушди соҳаи кишоварзӣ;<br>• Имкониятҳои мусоид барои соҳибкории инфиродӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;<br>• Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо соҳибкорон ва аҳолӣ дар корҳои вобаста ба рушди шаҳр;<br>• Иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ;<br>• Мардуми меҳнатдӯст;<br>• Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ. | **Тарафҳои заиф**<br>• Норасогии ҷойҳои корӣ ва бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ;<br>• Фарсудагии техникаи корхонаҳои саноатӣ ва аграрӣ;<br>• Аз кор боз мондани корхонаи азими шаҳр ҶСК «Азот»<br>• Фарсудагии иншоотҳои инфрасохторӣ;<br>• Нокифоягии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёту соҳаи иҷтимоиёт;<br>• Норасогии оби полезӣ ва корношоямии пурраи чоҳҳои амудии мелиоративӣ;<br>• Сатҳи пасти музди меҳнат;<br>• Мавҷудият ва фаъолияти лоиҳаҳои маҳаллӣ |
| Омилҳои беруна/ омилҳое, ки аз ноҳия вобастагӣ надоранд | **Имкониятҳо**<br>• Мавҷудияти роҳи оҳан ва инфрасохтори саноатӣ;<br>• Рушди соҳибкорӣ дар кишвар;<br>• Бунёди боғу токзорҳо;<br>• Ислоҳоти соҳаи манзилию коммуналӣ;<br>• Ҳавасмандии Ҳукумати ҶТ барои ҷалби сармоя бо мақсади барқарорсозӣ ва таъсиси корхонаҳои нав;<br>• Мусоидат намудан ба рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ;<br>• Ислоҳотҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ; | **Хатарҳо**<br>• Баланд шудани сатҳи таваррум<br>• Ҳолатҳои фавқулодда;<br>• Таъсири манфии бӯҳрони молиявӣ;<br>• Муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос ба хориҷи кишвар;<br>• Эпидемия ва пандемия;<br>• Баста шудани роҳи оҳани қисми ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>• Низоъ. |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи саноат

**Аҳамият барои иқтисодиёти шаҳр.** Соҳаи саноати шаҳри Сарбанд яке аз ҷузъҳои таркибии саноати вилоят ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар он иқтидори калони истеҳсолӣ мавҷуд мебошад (он 4,5% ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоят ва қариб 1,71% маҳсулоти саноатии ҷумҳуриро ташкил медиҳад). Соҳаи саноати шаҳр асосан аз корхонаҳои коркарди пахта ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ иборат аст.

Корхонаҳои саноатии шаҳри Сарбанд дар соли 2014 дар ҳаҷми 138956,7 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки дар қиёс ба соли 2011 дар ҳаҷми 35% ё ин ки 18315,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад.




Тибқи нақшаи дурнамо дар шаҳри Сарбанд расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 то ба 177,1 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.




Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳр бо ифодаи пулӣ дар соли 2014 нисбати соли 2012 ба андозаи 130% афзоиш ёфтааст. Коркарди пахта 8,5% ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳрро ташкил менамояд.

Дар шаҳри Сарбанд 21 корхонаҳои саноатӣ фаъолият карда истодаанд, ки истеҳсолот дар онҳо дар асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Танҳо дар солҳои 2012-2014 ҳамагӣ 7 корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, ки дар онҳо 131 ҷои корӣ таъсис дода шудааст.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мувофиқи корхонаҳои саноатии шаҳр дар соли 2012-2014*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Воҳиди ченак | Истеҳсоли маҳсулот ба намуди аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоби маблағӣ (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | |
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1. | КМ «Тоҷик- Азот» | | | | | | | |
| | Карбамид | тонна | - | - | - | - | - | - |
| | Аммиак | тонна | - | - | - | | | |
| 2. | Каскад ГЭС | | - | - | - | 75213,3 | 89612,4 | 103527,4 |
| | Истеҳсоли барқ | м.квт.с | 973391 | 108693,0 | 1061159 | | | |
| 3. | ҶСК «Массарат» | | | | | 536,8 | 46,0 | 7,6 |
| | Хишти пухта. | ҳаз дона | 1230 | 18,0 | 115,0 | | | |
| 4. | ҶДММ «Заводи хишти Беҳзод» | | | | | - | 267,5 | 88,5 |
| | Хишти пухта | ҳаз дона | - | 535,0 | 177,0 | | | |
| 5. | ҶДММ «Ваҳдати Сомониён» | | | | | 166,7 | 96,2 | 375,7 |
| | Хишти роҳрав | ҳаз дона | 133,1 | 68,2 | 173,0 | | | |
| | Хишти бетонӣ | ҳаз дона | - | 12,5 | 0,5 | | | |
| 6. | ҶДММ «Роҳи дурахшони Сарбанд» | | | | | 238,5 | 261,7 | 77,0 |
| | қум | мет. кӯб | 750 | 2190 | 67214 | | | |
| | Шағалмайда | мет. кӯб | 958 | 1020 | 755 | | | |
| 7. | ҶДММ «ИМОБ» | | | | | 161,9 | 133,3 | 183,7 |
| | Шағали майда | мет. кубӣ. | 3890 | 3220 | 5302 | | | |
| | қум | мет. кубӣ | 1400 | 1088 | 1156 | | | |
| 8. | ҶДММ «Нури рушд» | | | | | 150,5 | 111,7 | 80,2 |
| | Хишти пухта | Ҳаз дона | 332,5 | 223,5 | 160,3 | | | |
| 9. | ҶДММ «Сафари» | | | | | 218,9 | 254,2 | 259,7 |
| | Шағалмайда | мет. кӯб | 3480 | 3575 | 3209 | | | |
| | қум | мет. кӯб | 2480 | 2340 | 2696 | | | |
| 10 | Заводи шпалбарори | | | | | 7116,1 | 5790,4 | 5800,0 |
| | шпалбарори | Ҳаз дона. | 45,6 | 37,4 | 37,1 | | | |
| 11 | Роҳи оҳани Тоҷикистон | | | | | 173,8 | 189,9 | 193,8 |
| | Шағалмайда | мет. кубӣ. | 9280 | 11285 | 11316 | | | |
| | қум | мет. кубӣ | 749 | 239 | 432 | | | |
| 12 | ҶДММ «Техмаш» | | | | | - | 353,3 | 73,2 |
| | Қисмҳои эҳтиёти | дона | - | 815 | 463 | | | |
| 13 | ҶДММ «Сементи рушди Хатлон» | | | | | 556,8 | 429,1 | 430,7 |
| | сенмент | Тонна | 790 | 844 | 847 | | | |
| 14 | ҶДММ «Лиен Шенг» | | | | | - | 633,0 | 1266,5 |
| | Хишти пухта | Ҳаз дона | - | 1420,0 | 2705,0 | | | |
| 15 | ҶДММ «Муҳаммад Юсуф» | | | | | - | 24,2 | 82,1 |
| | Хишти бетони | Ҳаз дона | - | 8,3 | 26,6 | | | |
| 16 | ҶДММ «Холмуроди Қодир» | | | | | - | 61,2 | 89,3 |
| | Хишти бетони | Ҳаз дона | - | 16,1 | 27,7 | | | |
| 17 | ҶДММ «Субҳи Сарбанд» | | | | | - | 4589,8 | 11844,7 |
| | Нахи пахта | тонна | - | 525 | 1486 | | | |
| | Пумбадона | Тонна | - | 749 | 2273 | | | |
| | тибит | Тонна | - | 5 | 24 | | | |
| 18 | ҶСК «Нури» | | | | | 9381758 | 11763639 | 14212558 |
| | Равғани пахта | литр | 4,3 | 5,6 | 0,5 | | | |
| | Кукнҷора | кг | 36,0 | 45,9 | 4,0 | | | |
| 19 | ҶДММ «орди рушди Хатлон» | | | | | 649431 | 333753 | 263187 |
| | орд | Тонна | - | - | - | | | |
| | Сабус | Тонна | - | - | - | | | |

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Воҳиди ченак | Истеҳсоли маҳсулот ба намуди аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоби маблағӣ (ҳаз. сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | | Аз рӯи солҳо (барои 3 сол) | | |
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2012 | 2013 | 2014 |
| | Майдагандум | Тонна | - | - | - | | | |
| 20 | ҶДММ «Нури Дилшод» | | | | | 111250 | 112150 | 114500 |
| | Орд | Тонна | 158,4 | 160 | - | | | |
| | сабус | Тонна | 39,6 | 41,5 | - | | | |
| 21 | СИ «Гулматов Фирдавс» | | | | | 205683 | 50000 | 12500 |
| | Қоғази ташноб | ҳаз. дона | 102,2 | 102,7 | 3,0 | | | |

Дар корхонаҳои саноатии шаҳр 1966 нафар коргарон (ё ин, ки 17,6%-и шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат) фаъолият мекунанд, ки 421 (38%) нафарашон занҳо мебошанд. Музди меҳнати миёнаи корхонаҳои саноатӣ соли 2014 320 сомониро ташкил кард. Маблағи пардохти андоз ба буҷети маҳаллӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 ҳамагӣ 8 миллион сомонӣ (ё худ 12% даромади умумии буҷет) ташкил дод.

Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати фаъолияти мунтазам бо барқи доимӣ ва қувваи корӣ таъмин буда, дар баъзе аз корхонаҳо норасоии мутахассисони баландихтисос ба назар мерасад.

**Ҳолати корхонаҳои саноатӣ.** Корхонаҳои саноатии шаҳри Сарбанд бо таҷҳизотҳои истеҳсолӣ муҷаҳҳаз буда, вале қисме аз онҳо кӯҳнаю фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нестанд. Бинобар ин маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори беруна рақобатпазир нест. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2012, №175 "Дар бораи тасдиқи Нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2014" дар шаҳри Сарбанд бунёди 6 корхонаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

*Ҳолати корхонаҳои саноатии шаҳри Сарбанд*

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Иқтидори лоиҳавии корхона | Иқтидори аслии корхона | Истеъмолкунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | КМ ҶСП «Тоҷик- Азот» | | | Аҳолии вилоят |
| | Карбамид | 192 ҳазор тонна | 200 тонна | |
| | Аммиак | 121 ҳазор тонна | 100 тонна | |
| 2 | Силсила НБО-и Вахш | | | Аҳолии вилоят |
| | Истеҳсоли барқ | 240 мГв\соат | 250 мГв\соат | |
| 3 | ҶСК «Массарат» | | | Аҳолии вилоят |
| | Хишти пухта | 500 ҳазор дона | 300 ҳазор дона | |
| 4 | ҶДММ «Заводи хишти Беҳзод» | | | Аҳолии вилоят |
| | Хишти пухта | 500 ҳазор дона | 300 ҳазор дона | |
| 5 | ҶДММ «Ваҳдати Сомониён» | | | Аҳолии вилоят |
| | Хишти роҳрав | 200 ҳазор дона | 180 ҳазор дона | |
| | Латоки обрав (Новаҳои бетонӣ) | 100 дона | 100 дона | |
| 6 | ҶДММ «Роҳи дурахшони Сарбанд» | | | Бозори дохилӣ |
| | Қум | 2000 м$^3$ | 1,500 м$^3$ | |
| | Сангреза | 6000 м$^3$ | 5000 м$^3$ | |
| 7 | ҶДММ «ИМОБ» | | | Бозори дохилӣ |
| | Сангреза | 6000 м$^3$ | 5000 м$^3$ | |
| | Қум | 2000 м$^3$ | 1,500 м$^3$ | |
| 8 | ҶДММ «Нури рушд» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Хишти пухта | 500000 дона | 300000дона | |
| 9 | ҶДММ «Сафарӣ» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Сангреза | 4000 м$^3$ | 3000 м$^3$ | |
| | қум | 3000 м$^3$ | 2,500 м$^3$ | |
| 10 | ҶДММ «Лиен- Шенг» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Хишти пухта | 3 млн. дона | 3 млн.дона | |

| № | Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Иқтидори лоиҳавии корхона | Иқтидори аслии корхона | Истеъмолкунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|
| 11 | Роҳи Оҳани Тоҷикистон | | | Эҳтиёҷоти корхона |
| | сангреза | 6000 м³ | 5000 м³ | |
| | қум | 2000 м³ | 1,500 м³ | |
| 12 | Заводи Шпалбарорӣ | | | Эҳтиёҷоти корхона |
| | Шпал | 50 ҳазор дона | 40 ҳазор дона | |
| 13 | ҶДММ «Сементи рушди Хатлон» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Семент | 21 ҳазор тонна | 14 ҳазор тонна | |
| 14 | ҶДММ «Муҳаммад Юсуф» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Хишти бетони | 30 ҳазор дона | 25 ҳазор дона | |
| 15 | ҶДММ «Холмуроди Қодир» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Хишти бетонӣ | 30 ҳазор тонна | 25 ҳазор тонна | |
| 16 | ҶДММ «Техмаш» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Қисмҳои эҳтиётӣ | 1000 дона | 700 дона | |
| 17 | ҶСК «Нурӣ» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Равғани пахта | 100 тонна | 30 тонна | |
| | Кунҷора | 800 тонна | 240 тонна | |
| 18 | ҶДММ «Нури Дилшод» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Орд | 21 ҳазор тонна | - | |
| | сабус | 2000 тонна | - | |
| 19 | ҶДММ «Орди рушди Хатлон» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Орд | 21 ҳазор тонна | - | |
| | сабус | 2000 тонна | - | |
| 20 | ҶДММ «Субҳи Сарбанд» | | | Бозори дохилӣ ва берунӣ |
| | Нахи пахта | 12 ҳазор тонна | 1486 тонна | |
| | пунбадона | | 2273 тонна | |
| | тибит | | 24 тонна | |

Аз шумораи умумии корхонаҳо 6 адади он аз ҷумла, КМ ҶСП «Тоҷик Азот» бо сабаби мунтазам интиқол нашудани гази табиии воридотӣ, ҶДММ «Орди рушди Хатлон», ҶДММ «Нури Дилшод» бо сабаби баста шудани роҳи оҳани қисми ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон, СИ «Гулматов Фирдавс», ҶДММ «Нури» ва ҶДММ «Сарбанд силк» бинобар сабаби маҳдуд будани бозори фурӯш, гарон будани хароҷотҳои истеҳсолӣ (сӯзишворӣ ва барқ), кӯҳна ва фарсуда гардидани таҷҳизотҳои технологӣ ва душвор ва мураккаб будани механизми дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок (дарозмӯҳлат)-и бонкӣ буда, ин омилҳо сабаби бо пуррагӣ фаъолият накардани корхонаҳои мазкур мебошад.

**Иқтидорҳо.** Шаҳри Сарбанд дорои минтақаи рушдёфтаи инфрасохтори муҳандисиву коммуникатсионии саноатӣ ба шумор меравад. Дар баробари он мавҷудяти потенсиали бои кадрии соҳаи саноат, мавзеи мусоид аз рӯи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ва дастрасӣ ба захираҳои обӣ ва дигар сарватҳои табиии барои рушди соҳоаи саноат дар оянда заминаи хубро фароҳам хоҳад оварад.

Иқтидорҳои бузурги корхонаҳои саноатии шаҳри Сарбанд бо сабаби интиқол нашудани гази табиии аз қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба пуррагӣ истифода намешаванд (КМ ҶСП «Тоҷик Азот», ҶДММ «Нури Дилшод», ҶДММ «ИМОБ»). Омили мазкур омили беруна ба шумор рафта ҳалли он берун аз доираи ваколатҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ мебошад. Хамзамон, барои рушди соҳаи мазкур андешидани чораҳо оиди истифодабарии манбаҳои алтернативии барқроршавандаи энергия ба мақсад мувофиқ мебошад. Чи тавре, ки дар боло зикр гардидааст дар шаҳр имкониятҳои хуб барои бунёди корхонаи хурд ва коргоҳҳои нави саноатие, ки дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият менамоянд вуҷуд дорад, аз ҷумла корхонаҳои коркарди маҳсулоти меваю сабзавот, ширу гӯшт, пашм, пилла, истеҳсоли маҳсулотҳои қаннодӣ, орд, нахи пахта, маҳсулотҳои сохтмонӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва бозори истеъмолӣ;

– ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи шаҳр;
– дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳр.

**Дурнамо.** Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои МИХД-и шаҳри Сарбанд, болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 нисбати соли 2014 ба 127,5 % аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ ва технологияҳои муосир оиди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар назар аст.

Ҳамзамон дар Барнома ба истифода додани 42 корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 177,1 миллион сомонӣ расонида хоҳад шуд.

Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати шаҳр тибқи дурнамо дар панҷ соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии ш. Сарбанд аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот дар соли 2016-2018 (бо ифодаи аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2018 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| Саноат | | | | | | |
| Силсила НБО-и Вахш (Сарбанд ва Перепадная) Млн кВ/с | 1084930,3 | 1160440,5 | 1201360,6 | 1208420,4 | 1210690,4 | 112 |
| ҶДММ КМС «Нури рушд» хишти пухта (ҳазор дона) | 223,5 | 228,0 | 232,6 | 237,3 | 242,1 | 108,3 |
| ЖБИ «Мадад» | | | | | | |
| Сангреза м$^3$ | 33830 | 34506 | 35196 | 35899 | 36616 | 108,2 |
| Қум м$^3$ | 1333 | 1360 | 1387 | 1414 | 1428 | 108,2 |
| ҶСК «Масаррат» Хишти пухта (ҳазор дона) | 18,0 | 19,0 | 20,0 | 21,0 | 22,0 | 122,2 |
| ҶДММ Заводи хишти «Беҳзод» | | | | | | |
| - хишти пухта ҳазор дона | 537,0 | 617,0 | 710,0 | 816,0 | 980,0 | 182,0 |
| ҶДММ «Сафарӣ» Сангреза м$^3$ | 3575 | 3718 | 3866 | 4020 | 4180 | 116,9 |
| Қуми шуста м $^3$ | 2390 | 2485 | 2547 | 2648 | 2753 | 115,1 |
| Заводи шпалбарорӣ Шпал (хазор дона) | 37,4 | 37,7 | 38,0 | 38,4 | 38,9 | 104 |
| Роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | |
| Сангреза м$^3$ | 11285 | 11567 | 11856 | 12093 | 12335 | 109,3 |
| Кум м$^3$ | 239 | 245 | 250 | 255 | 260 | 108,8 |
| ҶДММ «Вахдати Сомониён» | | | | | | |
| Хишти роҳрав, ҳазор дона | 41,4 | 41,8 | 42,5 | 43 | 43,9 | 106 |
| Хишти бетонӣ, ҳазор дона | 12,5 | 12,8 | 13,0 | 13,1 | 13,3 | 106,4 |
| СИ «Гулматов Фирдавс» Қоғази ташноб (ҳазор дона) | 102,7 | 103,7 | 104 | 104,7 | 105 | 102,2 |
| Рохи дурахшон | | | | | | |
| Сангреза м$^3$ | 1020 | 1040 | 1060 | 1081 | 1100 | 107,8 |
| Қум м$^3$ | 2190 | 2234 | 2279 | 2325 | 2372 | 108,3 |
| Оптим-смес м$^3$ | 641 | 660 | 682 | 703 | 725 | 113 |
| ҶДММ «Нури Дилшод» | | | | | | |
| Орд (тонна) | 160 | 161 | 162 | 163 | 164 | 102,5 |
| Сабус (тонна) | 41,5 | 42 | 42,5 | 43 | 43,5 | 104,8 |
| ҶДММ «Сементи Руши Хатлон» | | | | | | |
| Семент (тонна) | 869 | 895 | 921 | 948 | 976 | 112 |
| ҶСК «Нури» | | | | | | |
| Равғани пахта (литр) | 5,6 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 6,4 | 114,3 |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2018 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| Кунҷора | 45,9 | 47,3 | 48,7 | 50,1 | 51,6 | 112,4 |
| ҶДММ «Техмаш» | | | | | | |
| Кисмҳои эҳтиётӣ (дона) | 815 | 823 | 831 | 840 | 848 | 104 |
| ҶДММ «Муҳаммад Юсуф» | | | | | | |
| Сементблок (ҳазор дона) | 8,3 | 8,5 | 9,0 | 9,2 | 9,5 | 114,5 |
| ҶДММ «Лиен-шенг» | | | | | | |
| Хишти пухта (хазор дона) | 1420,0 | 1463,0 | 1506,9 | 1552,1 | 1598,6 | 112,6 |
| ҶДММ «Холмуроди Қодир» | | | | | | |
| Сементблок (хазор дона) | 16,1 | 16,4 | 16,7 | 17,0 | 17,5 | 108,7 |
| ҶДММ «Субҳи Сарбанд» | | | | | | |
| Нахи пахта (тонна) | 525 | 577,6 | 635,3 | 699,2 | 769,1 | 146,5 |
| Пумбадона (тонна) | 749 | 823,9 | 906,3 | 997 | 1097 | 146,5 |
| Тибит (тонна) | 5 | 5,6 | 6 | 6,7 | 7,3 | 146 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди ташкилдиҳии ҷойҳои нави корӣ дар ш. Сарбанд дар солҳои 2016-2018*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2018 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ - ҳамагӣ (ҷои корӣ) | 1560 | 1576 | 1592 | 1608 | 1624 | 104 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| -сохтмони нав | 1460 | 1475 | 1490 | 1505 | 1520 | 104,1 |
| -таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 100 | 101 | 102 | 103 | 104 | 104 |

## 2.2. Кишоварзӣ

Шаҳри Сарбанд яке аз шаҳрҳои аграриву саноатии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, нақши он дар рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Дар ҷамоатҳои деҳот аслан кишоварзон ба истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, асал, хӯроки чорво ва инчунин боғдорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 9,7 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Аҳолии деҳот қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши пахта, маҳсулотҳои сабзавот, полезӣ, мевагӣ ва ғалладонагиҳо ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳр кооперативҳои истеҳсолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), оилавӣ ва инфиродӣ ба ҳисоб мераванд.

Тибқи маълумотҳои расмии соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии шаҳр дар миқёси вилоят 3,1 % буда, аз ин картошка–0,6%, пахта –1,33%, сабзавот–1,1%, меваҷот–0,3%, ғалладонагӣ –1,01%, полезиҳо–0,4%, шир–0,57%, гӯшт–0,61%, асал – 0,2%, тухм–7,9%, пилла–0,41%, пашм–0,22% ва моҳӣ–0,6%-ро ташкил додааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Сарбанд*

| | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | Ҳазор сомонӣ | 90663,4 | 92466 | 94505,6 | 95738,4 | 98158,5 |
| | Аз ҷумла: Растанипарварӣ | Ҳазор сомонӣ | 59480,8 | 60250,5 | 61050,2 | 61220 | 62886,4 |
| | Чорводорӣ | Ҳазор сомонӣ | 31182,6 | 32215,5 | 33455,4 | 34518,4 | 35272,1 |
| 1. | Ғалладонагӣ | Тонна | 1829 | 1472 | 1172 | 1457 | 1512 |
| | Замини кишт | Га | 517 | 402 | 320 | 276 | 318 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 31,6 | 28,9 | 33,4 | 49,4 | 49,4 |

| | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Пахта | тонна | 1876 | 2230 | 2231 | 2232 | 2195 |
| | Замини кишт | га | 812 | 900 | 900 | 900 | 900 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 23,1 | 24,7 | 24,8 | 24,8 | 24,4 |
| 3 | Сабзавот | тонна | 1200 | 1300 | 1518 | 1669 | 1886 |
| | Замини кишт | Га | 60 | 60 | 70 | 77 | 82 |
| | Ҳосилнокӣ | с/га | 200 | 216,7 | 216,9 | 217 | 230 |
| 4 | Картошка | тонна | 240 | 300 | 500 | 520 | 540 |
| | Замини кишт | Га | 12 | 15 | 25 | 26 | 18 |
| | Хосилнокӣ | Сентнер | 200 | 200 | 200 | 200 | 220 |
| 5 | Меваҷот | тонна | 45 | 46 | 55 | 80 | 110 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 33 | 35 | 47 | 61,3 | 64 |
| 6 | Хӯроки чорво | тонна | 1886 | 2057 | 2180 | 2680 | 3082 |
| | Замини кишт | Га | 38 | 40 | 47 | 47 | 47 |
| 7 | Полезӣ | тонна | 1005 | 1005 | 1478 | 1479 | 2516 |
| | Замини кишт | Га | 52 | 34 | 50 | 50 | 85 |
| | Хосилнокӣ | Сентнер | 202,9 | 295,6 | 295,6 | 295,7 | 296 |
| 1 | Гӯшт | Тонна | 17 | 18 | 19,4 | 19,6 | 19,6 |
| 2 | Шир | Тонна | 157 | 168 | 170 | 180 | 180 |
| 3 | Тухм | Ҳазор дона | 1604 | 2892 | 3202 | 3105 | 3204 |
| 4 | Асал | Тонна | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,7 | 0,8 |
| 5 | Пилла | тонна | 5,1 | 5,2 | 5,4 | 5,5 | 4,5 |
| 6 | Моҳӣ | тонна | - | - | 8 | 12 | 18 |

Ҳадафи асосии соҳа дар панҷ соли оянда – ин пайваста зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини бештари корхонаҳои саноатии шаҳр бо ашёи хоми маҳаллӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб меёбад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Дар шаҳри Сарбанд 1 хоҷагии давлатӣ, 79 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), 4 хоҷагии кооперативи истеҳсолӣ, 9 хоҷагии моҳипарварӣ, 3895 хоҷагии хонагӣ фаъолият доранд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои мазкур роҳбарияти 5 хоҷагиро занон ба ӯҳда доранд.

**Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар ноҳия ҳамагӣ 153 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, аз ин 58,8 % коршоям (90 адад) ва 41,2 % (63 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Дар соҳаи кишоварзӣ 94 адад тракторҳо ба қайд гирифта шуда, аз шумораи умумии тракторҳои мавҷуда 11,7% трактори шудгоркунанда (11 адад), 23,4% трактори байниқаторӣ (22 адад) ва 64,5% тракторҳои нақлиётӣ (61 адад) мебошанд. Илова бар ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 9 адад ядаки тракторӣ мавҷуд аст, ки аз ин 7 ададаш (78%) омодаи кор мебошад.

*Шумораи тракторҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Сарбанд*

| № | Номгӯи намуди тракторҳо | Шумора | Омода | Омодагӣ (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тасмачарх | 11 | 5 | 45,0 |
| 2 | Байниқатори чархдор | 22 | 16 | 72,0 |
| 3 | Нақлиёти чархдор | 61 | 40 | 66,0 |
| | Ҳамагӣ: | 94 | 61 | 65,0 |

Воқеан ҳам, сабаби паст шудани даромаднокии хоҷагиҳо ба нарасидани техника ва корношоям шудани онҳо маҳсуб меёбад. Дар муддати 20 соли охир ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамагӣ 5 адад трактори чархдор ворид шудааст, ки ба ҳар як трактори воридшуда 288,8 гектар замини корам рост меояд.

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад.

Мушкилиҳои мавҷуда: набудани маркази хизматрасонии техникӣ, суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника,

норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ, аз мӯҳлати муқарраргардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо), суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**Истифодаи замин.** Ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои кишоварзии шаҳри Сарбанд 1601 гектарро ташкил намуда, аз ин 98,3%, ё ин ки 1574 га заминҳои обӣ мебошанд.

*Сохтори умумии истифодабарии заминҳои шаҳри Сарбанд*




Аз масоҳати умумии заминҳои корами мавҷуда соли 2014, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (заминҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ва заминҳои президентӣ (179 га), дар майдони 1456 гектар кишти зироатҳо гузаронида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 45 гектар зиёд мебошад. Аз майдони умумии кишти гузаронидашуда, майдонҳои кишти ғалладонагиҳо 318 гектар, пахта 900 гектар, картошка 18 гектар, сабзавот 82 гектар, полезӣ 85 гектар, зироатҳои равғандеҳ (офтобпараст) 6 гектар ва майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 47 гектарро ташкил медиҳад.



Аз рӯи ҳаҷми натуралии истеҳсоли маҳсулоти мухталифи кишоварзӣ дар соли 2014 ба ҳар сари аҳолӣ, ғалладонагиҳо 548 кг, сабзавот 375 кг, картошка 65,2 кг ва 258 литр шир рост меояд. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба ҳар як нафар аҳолии шаҳр ба ҳисоби миёна 0,038 га заминҳои корами обӣ рост меояд. Дар сурати андешидани тадбирҳои лозима ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ боз гардонидани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав барои кишти зироатҳои кишоварзӣ, афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имконпазир мебошад. Вале барои иҷрои ин амал зарур аст, ки ду адад насоси обкашии мавзеи Гулистон ва пойгоҳи обкашии деҳаи Оқгаза таъмиру барқарор карда шуда, дар баробари ин дар ҷамоати "Ваҳдат" шабакаи обрасонии ҷӯйбори новагии Зағертӣ барқарор ва 1 (як) адад истгоҳи обкашии агрегати №3 (насоси тамғаи 24 НДМ) таъмир ва 14,9 км ҷӯйбору заҳкашҳо тоза карда шаванд. Дар натиҷа зиёда аз 750 гектар замин барои истифодаи кишоварзӣ обёрӣ карда мешаванд. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки айни замон қисми зиёди атрофи каналҳои мавҷуда бетонпӯш карда нашудааст, ки дар натиҷа талафоти об зиёд шуда, боиси баланд гаштани сатҳи обҳои зеризаминии як қисми заминҳо шудааст. Чунин ҳолат метавонад ба зиёд гаштани майдони заминҳои бекорхобида таъсири манфии худро расонад. Бинобар кӯҳнаю фарсуда гардидани агрегатҳои обкашӣ (ҳоло аз 8 агрегат 7 ададаш кор мекунад), ва солҳои тӯлонӣ тоза накардани каналҳо ҳолати таъминоти обӣ полезӣ сол то сол мушкилтар мегардад.

Дар натиҷаи тоза кардани 4,7 км шабакаи обрасонии СМК, 0,8 км ва 1,5 км ҷӯйборҳои обрасонии КС ва АВМ1, АВМ2, САВМ1, САВМ2, 5ХА1, 4ХА1, Р1 ва барқарор кардани 15 км ҷӯйбору заҳкашҳо дар ҷамоати «Ваҳдат»-и шаҳр 50 гектар заминҳо ба истифода боз мегарданд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар давоми солҳои 2010-2014 (ҳаз. сомонӣ)*




**Растанипарварӣ.** Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот дар бахши растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои шаҳр дар соли 2014 - 62,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 ба андозаи 7,6 % зиёд мебошад.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Ба шакли натуралӣ (тонна) | | | Ба шакли пулӣ бо нархҳои ҷории соли 2014 (ҳаз.сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| Ғалладонагӣ | 1172 | 1457 | 1512 | 2461,2 | 2039,8 | 2116,8 |
| Сабзавот | 1518 | 1669 | 1886 | 3795 | 2336,6 | 2829 |
| Картошка | 500 | 520 | 540 | 1050 | 780 | 633,6 |
| Меваҷот | 55 | 80 | 110 | 214,5 | 232 | 308 |
| Хӯроки чорво | 2180 | 2680 | 3082 | 1054 | 4824 | 8321,4 |

Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои охир рӯ ба афзоиш дошта, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар замин ба истисноӣ ҳосили пахта, картошка ва полезиҳо нисбатан зиёд шудааст. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 истеҳсоли ғалладонагӣ 29% ва истеҳсоли сабзавот 24,2% боло рафтааст. Вале зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти ғалладонагӣ, сабзавот ва полезиҳо аз ҳисоби анҷом додани кишти такрорӣ ба вуҷуд омадааст. Зеро дар соли 2014 аз ҳисоби кишти такрорӣ (фақат дар хоҷагиҳои хонаводаҳо) 3,4 ҳаз. тонна ғалладонагиҳо, 3,68 ҳаз. тонна сабзавот ва 6,6 ҳазор тонна полезиҳо иловагӣ истеҳсол шудааст.

**Картошкапарварӣ.** Соҳаи картошкапарварӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр ҳамчун соҳаи даромаднок маҳсуб ёфта, ҳаҷми истеҳсоли он дар соли 2014 (540 тонна) нисбат ба соли 2013 (520 тонна) ба андозаи 3,8 % ва нисбат ба соли 2012 (500 тонна) ба андозаи 8% зиёд шудааст. Чунин тамоюл аз мунтазам рушд ёфтани бахши мазкур буда, вале ҳаҷми картошкаи истеҳсолшаванда талаботи аҳолии шаҳрро пурра қонеъ гардонида наметавонад, зеро аз рӯи меъёрҳои физиологии мавҷуда (тақрибан 90 кг барои як нафар) ба истисноӣ картошкаи тухмӣ истеҳсоли зиёда аз 3000 тонна картошка зарур мебошад. Мутаассифона то давраи соли 2020, ки истеҳсоли картошка тибқи дурнамо 660 тонна муқаррар шудааст ба ин нишондиҳанда расидан ғайриимкон аст. (Дар ин ҷо коэффисиенти суръати афзоиши аҳолӣ ба инобат гирифта нашудааст). Аммо сабаби асосии зиёд накардани майдони кишти картошка бевосита ба иқлими гарми минтақа алоқаманд мебошад. Зеро картошка аз рӯи хусусияти биологӣ танҳо дар минтақаҳои иқлимаш муътадил хеле хуб инкишоф меёбад.

**Пахтакорӣ.** Пахтакорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва махсусгардонидашудаи шаҳр буда, ҳиссаи он дар сохтори майдони кишт 54,1% - ро ташкил медиҳад. Аслан ба парвариши пахта хоҷагиҳои ҷамоавӣ, деҳқонӣ ва инфиродӣ машғул мебошанд. Дар таҷрибаи фаъолияти хоҷагидорӣ хоҷагиҳои пахтакор асосан навъҳои «Флора», «Сорбон», «Кармен», «Хуҷанд-0,5» ва «Авесто»-ро истифода менамоянд. Таҳлилҳо собит месозад, ки сол то сол паст гардидани ҳосилнокии пахта боиси кам шудани дараҷаи даромаднокии кишоварзон гардида истодааст.

*Нишондиҳандаҳои соҳаи пахтакории шаҳри Сарбанд*

| Солҳо | Майдон (га) | Ҳосилнокӣ, с/га | Истеҳсол, тонна |
|---|---|---|---|
| 2010 | 812 | 23,1 | 1871 |
| 2011 | 900 | 24,7 | 2230 |
| 2012 | 900 | 24,8 | 2231 |
| 2013 | 900 | 24,8 | 2232 |
| 2014 | 900 | 24,4 | 2195 |

Омилҳое, ки ба паст шудани истеҳсоли пахта таъсир расонидааст, ин паст будани малакаи ХД оиди фарҳанги истифодабарии замин, таъминоти сусти моддӣ техникии хоҷагиҳои кишоварзӣ, баланд шудани сатҳи деградацияи заминҳои кишоварзӣ ва паст будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, паст будани сифати маводҳои тухмӣ, норасоии нуриҳои минерали ва заҳру химикатҳо, баланд будани арзиши сӯзишворӣ, паст будани сатҳи механикакунонии раванди кишти зироатҳо ва махсусан пахтакорӣ, номуътадилии арзиши пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ, дастрас набудани хоҷагиҳои кишоварзӣ ба қарзҳои имтиёзнок мебошад.

Тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ хангоми ҳал намудани мушкилотҳои дар болозикр гардида дар шароити иқлимии шаҳр имкон аст, ки аз ҳар гектар то 30-40 сентнер ҳосили пахта ба даст оварда шавад. Дар шаҳр хоҷагиҳои деҳқоние ҳастанд, ки ҳосилнокии пахтаро то 36,4 сентнер расонида, аз он фоидаи зиёд ба даст овардаанд.

**Ғалладонагӣ.** Дар шаҳр 18,2%-и майдони кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимаккаи дон ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 84 фоиз ба кишти гандум рост меояд. Дар шаҳр ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум парвариш мекунанд 58 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 истеҳсоли ғалладонагӣ 29 фоиз зиёд гардида, майдони кишти он бошад 0,6 фоиз кам гардидааст. Дар баробари пахтакорӣ ва ғаллакорӣ барои шаҳр сабзавоткорӣ, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаи афзалиятнок мебошад.

**Сабзавоткорӣ.** Дар шаҳр кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тоза нигаронида шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд, ки аз маҳсулоти кишткардашуда 31% ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ, 69% ба аҳолӣ рост меояд. Соли 2014 нисбат ба соли 2012 майдони кишти сабзавот 3,7 % зиёд шуда бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 15,3 % ва ҳосилнокии он 19,8 % афзоиш ёфтааст.

Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам ва каду машғул мебошанд. Маҳаллаҳои сабзавоткории шаҳр асосан ҷамоатҳои деҳоти «Гулистон» ва «Ваҳдат»-и шаҳр буда, ҳамагӣ дар майдони 100 гектар сабзавот парвариш мегардад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ ва пешгирӣ намудани нарх дар бозор сол аз сол болоравии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар назар аст.

Мушкилиҳои асосии солҳои охир инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ, бахусус растанипарварӣ ба омилҳои зерин вобаста аст, аз ҷумла: набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои имтиёзноки дарозмӯҳлат, паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ, қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ, дастгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот, набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат.

**Боғпарварӣ.** Боғдорӣ яке аз бахшҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта хусусияти стратегӣ дорад. Зеро дар афзун гардонидани бозори дохилию берунӣ бо мевагиҳо, ва маҳсулотҳои аз он коркардшуда аз қабили меваҳои хушк, шарбатҳо ва афшураҳо нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии шаҳр мебошад. Иқлими шаҳр имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил, бахусус меваҳои субтропикӣ васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи худӣ таъмин карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони беҳосил) дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Давоми солҳои 2010-2014 дар хоҷагиҳои деҳқонии шаҳр 200 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Хоҷагиҳои боғпарварии шаҳр бештар ба парвариши дарахтони анор, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба сафедор ва бед машғул мебошанд. Дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ 1,2 %, боғот 66,1 %, тутзор 7,6 %, дарахтзор 0,4 % ва токзор 24,7 %-и майдони умумии дарахтони бисёрсоларо дар шаҳр ташкил медиҳад.

Сабаби асосии солҳои охир кам шудани ҳосилнокии меваҷот ба истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ бар зидди ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон, ки боиси нест шудани боғу токзорҳо дар шаҳр гардидааст, марбут мебошад. Илова бар ин, бинобар набудани корхонаи коркарди мева дар мавсими ҳосилғундорӣ қисми мева талаф ёфта, боиси хисороти зиёди хоҷагиҳо мегардад.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ соли 2014 дар ҳудуди шаҳр бунёди 1 адад корхонаи хурди коркарди мева ва сабзавот дар назар дошта шудааст.

**Низоми обёрии заминҳои кишоварзӣ.** Таъминоти оби полезӣ ба зиммаи Қитъаи истифодабарии оби шаҳри Сарбанд, ки тобеъи Идораи байниноҳиявии давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Бохтар мебошад, вогузор гардидааст, ки дар он 11 нафар кормандон, аз ҷумла 1 нафар мутахассиси муҳандисию техникӣ ва 8 нафар кормандони истгоҳи обкашӣ фаъолият менамоянд. Дар ихтиёри ташкилоти номбурда 5 адад экскаватори фарсудаи Э-652, 1 адад булдозери тамғаи К-701, 1 адад трайлери тамғаи К-700, 24 адад нақлиёти боркаши тамғаҳои ГАЗ 52 ва ГАЗ 53 истеҳсоли солҳои 1975-1980 қарор дошта, аксариятҳашон корношоям мебошанд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки заминаи моддию техникии ташкилоти мазкур тавассути харидорӣ намудани воситаҳои техникии зарурӣ, аз ҷумла 3 адад экскаватори «Хундай», 3 адад булдозери «Т-130», 1 крани борбардори «Коматсу», 3 адад агрегати обкашии тамғаи НДН-24 бо муҳаррики электрикиаш ва бунёди нуқтаи нигоҳдории мошину механизмҳо лозим мебошад. Ташкилоти мазкур дар асоси шартнома ба 8 хоҷагии деҳқонӣ ва аҳолии 2 ҷамоати шаҳр (ҷамоатҳои Гулистону Ваҳдат) дар самти таъминоти оби полезӣ, таъмири иншоотҳо, заҳбуру заҳкашҳо ва шабакаҳои обёрӣ, инчунин ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 1574 гектар замин хизмат мерасонад. Дар ҳудуди шаҳр 1 адад пойгоҳи обкашӣ (аз ҷумла дар тавозуни ташкилоти мазкур 1 пойгоҳи обкашии «Оқгаза 4А», ки дорои 8 агрегат буда, соли 1978 сохта шудааст ва айни замон танҳо 7 агрегати он коршоям буда, 1 адади он фарсуда ва корношоям мебошад. Инчунин дар ҳудуди хоҷагиҳои шаҳри Сарбанд 99,54 км шабакаҳои обёрӣ - каналҳо (23,34 км каналҳо-шабакаҳои байнихоҷагӣ ва 76,2 км каналҳо-шабакаҳои обгузари дохилихоҷагӣ) ва 47 иншоотҳои гидротехникӣ (дарвозаҳои обтақсимкунанда дар канали СМК ва 8 нуқтаҳои обченкунӣ) мавҷуд мебошад. Дарозии каналҳои заминӣ 68,1 км дарозии каналҳои бетонӣ 7 км ва дарозии новаҳои (лоток) таъминоти оби полезӣ 1,15 км мебошад. Дар хоҷагиҳои шаҳри Сарбанд заҳбуру заҳкашҳо вуҷуд надоранд. Ҳалли мушкилоти соҳаи таъминоти оби полезӣ метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолии деҳот мусоидат намояд.

*Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ*

| Номгӯи пойгоҳи обкашӣ | Ҳамагӣ | Ҳолати аслӣ | Ҳолати техникӣ | Миқдори заминҳое, ки об дода мешавад (га) |
|---|---|---|---|---|
| Гулистон | 8 | 7 агрегат фаъолият дорад | таъмирталаб | 1200 |

Рушди ояндаи соҳаи растанипарварӣ ва боғдории шаҳр ба азхудкунии заминҳои нав вобастагӣ дорад. Таъмиру барқарорсозии агрегатҳои пойгоҳи обкашии «Оқгаза 4А» ва иншоотҳои обтаъминкунӣ метавонад барои азхудкунии 34 га заминҳои ҳудуди ҷамоати деҳоти «Ваҳдат»-и шаҳр ва 17 гектар заминҳо дар мавзеи деҳаи Гулистон мусоидат намояд ва 3430 нафар аҳолиро низ бо об таъмин кунад.

Бо мақсади таъмини мунтазами оби полезӣ ба заминҳои корами обӣ ба Қитъаи истифодабарии оби шаҳри Сарбанд аз буҷети давлатӣ дар соли 2014 ба маблағи 10,0 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 ба маблағи 60,0 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2012-ум 35,0 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки ин маблағҳо ҷиҳати таъмиру азнавбарқароркунии механизмҳои обёрикунанда, тоза намудани шабакаҳои обёришаванда аз лою гил нокифоя буда, талаботи имрӯзаро пурра қонеъ гардонида наметавонад.

Илова бар ин, аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии шаҳр истифодаи худсаронаи оби полезӣ тавассути каналҳо ва сӯрох кардани онҳо боиси талафоти оби полезӣ мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Аз рӯи ақидаи коршиносони маҳаллӣ сатҳи талафот ва бухоршавии об дар шаҳр ба ҳисоби миёна 0,63 фоизро ташкил менамояд.

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ (тоза нашудани шабакаҳои обтаъминкунӣ) ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

Давоми се соли охир (тӯли солҳои 2012-2014) зиёда аз 1457 га заминҳои кишоварзии обии шаҳр бо кандани заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш табдил дода шуданд. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи се сол аз ҳисоби буҷаи маҳалли 104,9 ҳазор сомонӣ, ҳаққи хизмати обрасонӣ 461,2 ҳазор сомонӣ ва худмаблағгузории хоҷагиҳо 118,1 ҳазор сомониро ташкил додааст.




Мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи гидротехникӣ дар се сол як маротиба заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда мешаванд, то ин ки ҳолатии хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо на ҳамеша ин меъёр риоя карда мешавад.

Бо мақсади беҳтар гардонидани ҳолатии мелиоративии заминҳо, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр барои солҳои 2013-2014 нақша чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардидааст.

*Иншоотҳои асосии обтаъминкуние, ки дар тавозуни муассисаҳои обтаъминкунии шаҳри Сарбанд қарор дорад*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | СМК | 574 | 3,2 | 2,1 |
| 2. | КС | - | 2 | 1,4 |
| 3. | Р1 | 302 | 2,3 | 2 |
| 4. | АВ 1 | 407 | 2,4 | 1,4 |
| 5. | АВ 2 | 85 | 1 | 0,5 |
| 6. | 6ХА1 | 33 | 0,32 | 0,18 |
| Ҳамагӣ: | | 1574 | 12,52 | 8,12 (8,1%) |

Ба ҳолати 01.01.2015 беш аз 8,12 км ва ё 8,1% масоҳати шабакаҳои обтаъминкунӣ тоза гардидааст. Дар сурати таъмир гаштани каналҳои боқимонда, пойгоҳҳои обкашӣ ва тозаю баркарорсозии шабакаҳои обёришавандаи дохилихоҷагию байнихоҷагӣ дар шаҳр 2531 ҷойи нави корӣ муҳайё гардида, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дучанд гашта, даромаднокии хоҷагиҳо зиёд мегардад, ҳосилнокии зироатҳо тақрибан то 9,4% зиёд мегардад ва самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзии шаҳр тақрибан зиёда аз 4,7 млн. сомониро ташкил хоҳад дод.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар самтҳои кишоварзӣ, яке аз бахшҳои асосии кишоварзии шаҳр буда, вазни хоси он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии шаҳр 35,7 %-ро ташкил менамояд. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Сарбанд аз

ҳисоби чорводорӣ 35,2 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2012 тақрибан 8,3 % зиёд мебошад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2012-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2014 | |
| Гӯшт, бо вазни зинда | тонна | 19,4 | 19,6 | 101 |
| Шир | тонна | 170 | 180 | 106 |
| Тухм | ҳазор дона | 3202 | 3204 | 100 |
| Асал | тонна | 0,5 | 0,8 | 160 |
| Пашм | тонна | 2,1 | 3 | 142 |
| Моҳӣ | тонна | 8 | 18 | 225 |

Дар шаҳр фурӯши пурраи маҳсулоти чорво ва парранда, тавассути хоҷагиҳои хонаводагӣ сурат мегирад.

*Саршумори умумии чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Чорвои калон | 5820 | 5880 | 6664 | 6666 | 1,4 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 25100 | 25650 | 26741 | 26796 | 6,7 |
| 3. Парранда | 64700 | 64950 | 65236 | 65780 | 1,6 |
| 4. Асп | 205 | 206 | 208 | 210 | 2,4 |

Солҳои охир соҳаи чорводорӣ барои рушди кишоварзии шаҳр мусоидат намуда истодааст ва бо мақсади минбаъд афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ зарур аст, ки майдони замини кишти хӯроки чорво ва кишти заминҳои растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо зиёд карда шавад. Инчунин барои хушзот намудани чорво ташкил намудани заминаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда, таъмин намудани чарогоҳҳои зимистонаю тобистона, зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳое, ки саршуморро кам кардаанд, фароҳам овардани шароити мусоид барои ривоҷи чорводорӣ дар бахши хусусӣ зарур мебошад. Дар шаҳри Сарбанд барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро 38%-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд.

Мушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводорӣ набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ буда, таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширу гӯшт, пашму пуст бо назардошти истифода аз манбаъҳои мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр ба шумор меравад.

**Коркарди пӯст ва пашм.** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии шаҳр, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳмияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар шаҳр мавҷудбуда, бо сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегарданд. Бо ин мақсад «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тавсиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои 2016-2020, зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар шаҳру ноҳиҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст.

**Паррандапарварӣ.** Дар бахшҳои ҷамъиятӣ ва аҳолӣ шаҳр 65780 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 39,5 % ба хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва 60,5 % ба аҳолӣ рост меояд. Бо мақсади рушди соҳаи паррандапарварӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2006 №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар шаҳр бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ фабрикаи паррандапарварии «Мурғи Порсиён» ташкил карда шудааст. Иқтидори солонаи фабрикаи мазкур ба миқдори 3-3,2 млн дона тухм мерасад.

**Занбӯри асалпарварӣ.** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Иқлими шаҳри Сарбанд барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид буда, захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳанда имкон медиҳанд, ки шумораи оилаҳои занбӯри асал зиёд карда шавад. Солҳои охир ҳаҷми истеҳсоли асал дар шаҳр боло рафта, аз 0,5 тоннаи соли 2012 ба 0,8 тонна дар соли 2014 расонида шуд, ки ин нишондиҳанда ба 0,3 тонна ва ё 60 % афзоиш ёфтааст.

Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳри Сарбанд мебошад. Ҳамзамон дар хоҷагиҳои шаҳр ҷиҳати таъмини иҷрои «Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» парвариши оилаҳои занбӯри асал ба роҳ монда шудааст ва тибқи он дар солҳои оянда зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯри асал пешбинӣ гардидааст.

**Байторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ дар шароити кунунӣ ба пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда ниёз дорад.

Дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти «Гулистон»-у «Ваҳдат»-и шаҳр 2 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ фаъолият доранд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, пеш аз ҳама набудани озмоишгоҳҳои (лаборатория) ташхиси байторӣ, чуқурии Беккер, нокифоя будани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ ва клиникаҳои байторӣ, нарасидани асбобу анҷом ва таҷҳизоти байторӣ, дорухонаҳои байторӣ, баланд будани нархи доруворӣ, мушкил будани дастраснамоии доруворӣ ва ғайра мебошад.

Илова бар ин, дар шаҳри Сарбанд ва гирду атрофии он нуқтаи безарраргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои касалиҳои сироятӣ) мавҷуд нест, ки бинобар набудани чунин нуқтаҳо мушкилоти бамиёномадаи хоҷагиҳои чорводор ҳаллу фасл намешаванд.

Дар шаҳру деҳот ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои карасон (эмкор), зардкасал (лентоспироз), хорӣ (бешенства), сумдард (ящур) ва касалиҳои хунӣ (гемосипоридозҳо) дар байни чорвои калон, гул, варами шуши моли майдаи шохдор ва вабои мурғҳои хонагӣ (чума) ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ -100%, вабои сумдард 10-12%, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-100% ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100% аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд.

Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Ташкилоти байналхалқии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кишоварзӣ ва озуқа (FAO) ваксинаҳо барои пешгирии касалии буғумдарди моли майдаи шохдор дар асоси шартномаи дуҷониба дастрас карда мешавад.

Ҳамзамон, тули солҳои охир дар ҳудуди шаҳр афзоиши сагҳои дайду (бесоҳиб) ба мушоҳида мерасад, ки сабаби асосии паҳншавии бемориҳои ҳорӣ маҳсуб меёбад. Ин аст, ки тули се соли охир аз газидани сагҳои дайду 26 нафар одамон осеб бардоштанд. Бинобар ин, дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот зарурияти ташкил намудани нуқтаҳои махсуси безараргардонии сагҳои дайду ба миён омадааст. Ҳамзамон, дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Гулистони шаҳр як бозори чорво фаъолият менамояд, ки ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯй нест.

Барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии байторӣ ва роҳ надодан ба талафшавии чорвою парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ташкил намудани нуқтаи сӯзонидани чорво ва ҷиҳозонидани он бо таҷҳизотҳои замонавӣ (дорои алобмонак (криматория), ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои куштани чорвои гӯштӣ ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф зарур мебошад.

Албатта, номукаммалии маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилоти бамиёномада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ чораҳо сари вақти андешида шаванд.

Дар соҳаи кишоварзӣ ҳадафи асосӣ дар 5 соли оянда ин беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда, васеъ намудани майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ, инкишофи соҳаи пахтакорӣ, сабзаваткорӣ, чорводорӣ, занбури асалпарварӣ ва моҳипарварӣ мебошад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии шаҳри Сарбанд барои солҳои 2016-2020. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | с.2020 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ | 98158,6 | 101211,3 | 106271,8 | 111585,4 | 116048,8 | 121851,2 | 126725,2 | 129,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 62886,4 | 64093,2 | 67297,8 | 70662,7 | 74195,8 | 77905,6 | 81021,8 | 128,8 |
| Чорводорӣ | 35272,1 | 37118,1 | 38974 | 40922,7 | 41853 | 43945,6 | 45703,4 | 129,5 |

Мувофиқи дурнамо бояд ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии шаҳр то соли 2020 ба 139,2 млн сомонӣ расонида шавад ва ин ҳаҷми афзоиш нисбати нишондиҳандаҳои соли 2014-ум 35 %-ро ташкил медиҳад.

*Ҳосилнокии зироатҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2016– 2018 (бо ҳисоби аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2018 бо % нисбати (к) с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| Хоҷагиҳои ҳамаи шаклҳои моликият | | | | | | |
| Зироаткорӣ | | | | | | |
| Замини шудгор - ҳазор га | 2362 | 2403 | 2455 | 2483 | 2520 | 107 |
| аз он ҷумла: обӣ | 2332 | 2376 | 2428 | 2456 | 2493 | 107 |
| Заминҳои умумии кишт бо тақсимоти зироатҳо | 2362 | 2403 | 2455 | 2483 | 2520 | 107 |
| Ғалладона – ҳазор га | 651 | 685 | 700 | 710 | 715 | 110 |
| аз ҷумла гандум – ҳазор га | 576 | 585 | 591 | 600 | 607 | 105,3 |
| Пахта – ҳазор га | 900 | 900 | 910 | 910 | 920 | 102,2 |
| Картошка - ҳазор га | 70 | 73 | 80 | 84 | 90 | 129 |
| Сабзавот – ҳазор га | 303 | 305 | 310 | 317 | 325 | 107,2 |
| Полезии хӯрокворӣ – ҳазор га | 98 | 99 | 101 | 104 | 108 | 110 |
| Сабзаводи тухмӣ – ҳазор га | - | | | | | |
| Зироатҳои хӯроки чорво – ҳаз. га | 334 | 336 | 348 | 351 | 355 | 106,2 |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда – ҳазор га | | | | | | |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | | | | | | |
| Ғалладона – с/га | 67,5 | 66,8 | 67,1 | 67,1 | 67,5 | 100 |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | с.2018 бо % нисбати (к) с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | |
| аз ҷумла гандум – с/га | 52 | 52,6 | 52,8 | 53 | 53,8 | 104 |
| Пахта – с/га | 24,8 | 24,9 | 25,0 | 25,5 | 27,0 | 109 |
| Тамоку – с/га | - | | | | | |
| Картошка – с/га | 316,5 | 315,4 | 318,1 | 320 | 318 | 101 |
| Сабзавот – с/га | 289,7 | 287,7 | 288,6 | 290,3 | 292,5 | 101 |
| Полезии хӯрокворӣ – с/га | 315,7 | 316 | 316,7 | 327,5 | 320 | 101,4 |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар вазни натуралӣ | | | | | | |
| Ғалладона – с/га | 4397 | 4578 | 4696,3 | 4766 | 4800 | 109 |
| аз ҷумла гандум – ҳазор тонна | 3018 | 3079 | 3125,2 | 3182,2 | 3264 | 108 |
| Пахта – ҳазор тонна | 2232 | 2241 | 2284 | 2319,4 | 2481,3 | 111 |
| Тамоку – тонна | - | | | | | |
| Картошка – ҳазор тонна | 2216 | 2303 | 2545 | 2688 | 2863 | 129 |
| Сабзавот – ҳазор тонна | 8779 | 8776,5 | 8948,2 | 9204 | 9507 | 108 |
| Полезии хӯрокворӣ – ҳазор тонна | 3094,2 | 3129,2 | 3199 | 3406 | 3458 | 112 |
| Маҳсулотнокии саршумори чорво ва парранда – ҳазор сар | | | | | | |
| Ҳайвони калони шохдор – ҳаз.сар | 6664 | 6676 | 6690 | 6725 | 6830 | 103 |
| аз шумораи умумии ҳайвони калони шохдор модагов – ҳаз.сар | 3157 | 3163 | 3174 | 3185 | 3197 | 101,3 |
| Бузу гӯсфанд – ҳазор сар | 26741 | 26948 | 27280 | 27500 | 28800 | 108 |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ дар шакли аслӣ | | | | | | |
| Гӯшти чорво ва парранда бо вазни зинда – ҳазор тонна | 803,6 | 805 | 808,5 | 811 | 814 | 101,3 |
| Шир – ҳазор тонна | 4601 | 4603 | 4615 | 4626 | 4660 | 101,3 |
| Тухм – млн. дона | 5134,4 | 5135,5 | 5190 | 5210 | 5270 | 103 |
| Пашм бо вазни аслӣ – тонна | 41,1 | 41,3 | 41,7 | 42 | 42,3 | 103 |
| Пилла – тонна | 5,5 | 5,6 | 5,7 | 5,8 | 5,9 | 107 |
| Асал - тонна | 4,5 | 4,6 | 4,8 | 4,9 | 5,0 | 111 |

## 2.3. Соҳибкории хурду миёна (СХМ)

**Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Барои рушди минбаъдаи шаҳри Сарбанд тевсеа додани фаъолияти соҳибкории хурду миёна заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар шаҳри Сарбанд фаъолияти бахши СХМ асосан дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хариду фурӯш, савдои чакана, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | Шуғли умумӣ (%) | (Ҳазор сомонӣ) | аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ (%) |
| Кишоварзӣ | 12 | 75 | 1488 | 41 | 682,8 | 2 |
| Саноат | 18 | - | 316 | 9 | 1524,6 | 5 |
| Сохтмон | 8 | 10 | 47 | 1,3 | 174,7 | 0,6 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1 | 90 | 95 | 3 | 3094,0 | 10 |
| Савдо | 80 | 115 | 735 | 20 | 47,2 | 0,2 |
| Хизматрасонӣ | 28 | 25 | 254 | 7 | 229,0 | 0,7 |
| Хизматимолиявӣ | 5 | 9 | 85 | 2 | 247,1 | 0,8 |
| Дигар соҳаҳо | 33 | 56 | 637 | 17 | 25054,1 | 80,6 |
| Ҷамъ: | 185 | 380 | 3657 | 100 | 31053,5 | 100 |

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар шаҳри Сарбанд шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 565 ададро (аз ҷумла 185 шахси ҳуқуқӣ ва 380 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 3657 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар шаҳр соҳибкорони дорои патент 257 нафар буда, аз ин шумора 76 нафари онро (ё 30,4%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 130 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар шаҳри Сарбанд 76 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

Қисми асосии субъектҳои СХМ-и шаҳр дар соҳаи савдо (ҷамъ 195 субъект), кишоварзӣ (ҷамъ 87 субъект), нақлиёту алоқа (ҷамъ 91 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 53 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и шаҳр машғул буда мутаносибан 34,5 %, 15,4 %, 16 % ва 9,3 %-ро ташкил медиҳад.

*Ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасониҳои СХМ*
*дар соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳри Сарбанд дар соли 2014*




Дар самти воридоти маблағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 31053,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 95 %-и қисми даромади буҷети шаҳрро ташкил медиҳад.

Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳр ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди шаҳр ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар шаҳр истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар шаҳр таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти шаҳр хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 95 фоизро ташкил дод.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 463,5 | 505,9 | 682,856 | 1652,2 |
| Саноат | 1565,5 | 1739,0 | 1524,6 | 4829,1 |
| Сохтмон | 113,3 | 64,2 | 174,7 | 352,2 |
| Савдо | 13,5 | 31,0 | 47,2 | 91,7 |
| Нақлиёт ва алоқа | 2644,1 | 2803,4 | 3094,0 | 8541,5 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 15693,9 | 14466,2 | 25470,4 | 55305,6 |
| Ҳамагӣ: | 20493,8 | 19609,7 | 31053,5 | 71157,0 |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаҳои кишоварзӣ 1652,2 ҳазор сомонӣ, саноат 4829,1 ҳазор сомонӣ, нақлиёт ва алоқа 8541,5 ҳазор сомонӣ, савдо 91,7 ҳазор сомонӣ, сохтмон 352,2 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ 55305,6 ва ҷамъ ба маблағи 71157,0 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ маблағ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оид ба бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюнктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

*Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | | Соли 2013 | | Соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 6 | 54 | 11 | 71 | 12 | 75 |
| Саноат | 15 | - | 17 | - | 18 | - |
| Сохтмон | 10 | 2 | 8 | 5 | 8 | 10 |
| Нақлиётваалоқа | - | 57 | 1 | | 1 | 90 |
| Савдо | 27 | 87 | 92 | 102 | 93 | 115 |
| Хизматрасонӣ | 11 | 9 | 13 | 17 | 15 | 26 |
| Хизматимолиявӣ | 3 | - | 3 | 12 | 5 | 9 |
| Дигарсохторҳо | 26 | 155 | 27 | 157 | 33 | 55 |
| Ҷамъ: | 98 | 364 | 172 | 364 | 185 | 380 |
| Дар якҷоягӣ | 462 | | 536 | | 562 | |

Аз 380 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 257 (66 %) субъектон тибқи патент кору фаъолият менамоянд, ки ин нишондод аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаассифона дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти шаҳри Сарбанд таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ мувофиқи матлаб ба назар нарасида, дар давоми се соли охир умумӣ зиёда аз 10 корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ аз қабили 2 корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, 5 сехҳои дузандагӣ, 1 корхонаи коркарди ашёи хоми пахта, 1 комплекси хизматрасонӣ бо сехи дузандагӣ ва 1 коргоҳи истеҳсоли хишти бетонӣ дар маҷмуъ бо таъсиси зиёда аз 300 ҷойҳои нави корӣ бунёд шуда, ба истифода дода шуданд.

Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2014 тақрибан 17,8 фоиз ба субъектҳои СХМ рост меояд.

Корхонаҳои саноатие, ки ба субъектҳои СХМ дахл доранд ба таҷҳизотҳо муҷаҳҳаз мебошанд, аммо бинобар таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, норасоии ашёи хоми зарурӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои озоди молиявии гардон ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё қисман аз фаъолият боз мондаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки аз шумораи умумии шуғли аҳолӣ (6,5 ҳазор нафар) зиёда аз 3,6 ҳазор нафар 55 % ба бахши СХМ тааллуқ дошта, аз ин ҳисоб танҳо ба соҳаи кишоварзӣ 41 % кормандон кору фаъолият намуда, 14 %-и дигар дар соҳаҳои боқимондаи соҳаи соҳибкорӣ тааллуқ доранд, ки ин нишондод аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, хизматрасонӣ, хизмати молиявӣ, савдо ва дигар соҳаҳо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба матлаб мувофиқ дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 23%, дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 24,4% ва 2% аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети шаҳр аз нокифояи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, махсусан корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Дар шаҳр шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо ашёи хоми ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар шаҳр соли 2014 ҳамагӣ 6 субъекти соҳибкорӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфта, 6 соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ кардааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар шаҳр ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна дар самти хизматрасониҳои молиявӣ филиалҳои ҶСК «Ориёнбонк», №50-и Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» ва филиалҳои Ҷамъиятҳои саҳҳомии пӯшидаи ташкилотҳои амонатии қарзии хурди «Имон Интернешнл» ва «Ҳумо» фаъолият доранд.

Давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби филиалҳои бонкҳои амалкунанда дар шаҳр барои рушди соҳаи саноат умуман қарзҳои имтиёзнок дода нашудааст.

Дар давоми се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи шаҳр ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 23326568 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 1643965 сомонӣ ё 7 % ба соҳаи кишоварзӣ, 13263439 сомонӣ ё 57 % барои рушди соҳибкорӣ (савдо), 35216 сомонӣ ё 0,2 % соҳаи сохтмон, 179028 сомонӣ ё 0,8 % соҳаи саноат ва 8204918 сомонӣ ё 35 % ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

Илова бар ин соли 2014 ба воситаи филиалҳои бонкҳои амалкунанда дар шаҳр аз хориҷи кишвар аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 4 миллион доллари ИМА мутаносибан аз 20,4 миллион сомониро ташкил медиҳад, ворид гаштааст.

Соҳибкорони шаҳри Сарбанд ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, тавассути дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

Гарчанде пайваста дар давоми солҳои охир ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкӣ афзуда бошанд ҳам, мутаассифона тартиби пешниҳоди маблағҳо душвор ва фоизи қарзҳо баланд буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии шаҳр имконият намедиҳанд.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2012-2014 (сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии карзи додашуда | Шумораи карзгирандагон | Бахшҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Соҳибкорӣ | Сохтмон | Дигарсоҳаҳо |
| Филиали ҶСШК «Ориёнбонк» | 2012 | 252450 | 106 | --- | --- | 143240 | --- | 109210 |
| | 2013 | 269800 | 147 | --- | --- | 74530 | --- | 195270 |
| | 2014 | 195300 | 164 | --- | --- | 28000 | --- | 167300 |
| | Ҷамъ | 717550 | 417 | - | | 245770 | - | 471780 |
| Филиали Бонки Давлатии Амонатгузории «Амонатбонк» №50 | 2012 | 796563 | 124 | 132000 | --- | 76652 | --- | 587911 |
| | 2013 | 1127400 | 148 | 165000 | --- | 85000 | --- | 877400 |
| | 2014 | 2145250 | 187 | 235000 | --- | 135000 | --- | 1775250 |
| | Ҷамъ | 4069213 | 459 | 532000 | - | 296652 | - | 3240561 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | -- | - | -- | -- | -- | -- | -- |
| | 2013 | 7835362 | 145 | 1050302 | --- | 6072877 | --- | 712183 |
| | 2014 | 7096480 | 187 | --- | --- | 6229682 | --- | 866797 |
| | Ҷамъ | 14931842 | 334 | 1050302 | - | 12302559 | - | 1578980 |
| ТҚХ «Имон Интернейшнл» | 2012 | --- | --- | --- | --- | --- | --- | --- |
| | 2013 | 269000 | 95 | --- | --- | --- | --- | 269000 |
| | 2014 | 167300 | 118 | --- | --- | --- | --- | 167300 |
| | Ҷамъ | 436300 | 213 | - | - | | - | 436300 |
| ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» | 2012 | 405578 | 87 | 15672 | --- | 79651 | 13457 | 296798 |
| | 2013 | 1332559 | 134 | 26651 | 66628 | 159907 | 10660 | 1068713 |
| | 2014 | 1433526 | 127 | 19340 | 112400 | 178900 | 11100 | 1111786 |
| | Ҷамъ | 3171663 | 348 | 61663 | 179028 | 418458 | 35217 | 2477297 |
| Ҳамагӣ: | | 23326568 | 1771 | 1643965 | 179028 | 13263439 | 35216 | 8204918 |

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ*** ба баланд будани фоизи қарзҳои имтиёзноки бонкӣ, паст будани нерӯ ва маърифати иқтисодии соҳибкорон, ташкил накардани Ассотсиатсияи соҳибкорон ҷиҳати дастгирии ҳуқуқӣ, имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон ба ҳисоб меравaнд.

**Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ.** Дар шаҳри Сарбанд аз соли 2011 инҷониб Шӯрои машваратии назди раиси шаҳр оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ва аз соли 2015-ум Маркази машваратии назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дастгирии соҳибкорон, бо фарогирии 565 нафар соҳибкорони маҳаллӣ (аз ҷумла, 380 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 185 нафар шахсони ҳуқуқӣ) фаъолият менамоянд. Дар доираи ин ҳамкориҳо дар шаҳр таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ҳалли масъалаҳои соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоиёту иқтисодиёт ва инфрасохтор ба роҳ монда шуда, айни ҳол таваҷҷӯҳи зиёд ба бунёди корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва маишӣ зоҳир гардида истодааст. Дар ин замина дар давоми се соли охир дар шаҳри Сарбанд як зумра иншоотҳои таъиноти гуногуни истеҳсолию иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

*Маълумот оиди натиҷаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ*
*дар шаҳри Сарбанд дар давоми солҳои 2012-2014*

| № | Номгӯи иншоотҳо | Арзиш (ҳазор сомонӣ) | Ҷойи корӣ | Манбаи маблағгузорӣ | Соли ба истифодадиҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази савдо дар кӯчаи Борбад | 350 | 4 | Соҳибкорон ва аҳолӣ | 2012 |
| 2 | Нуқтаи фурӯши гази моеъ дар шоҳроҳи Қурғонтеппа-Сарбанд | 520 | 5 | Соҳибкорон | 2012 |

| № | Номгӯи иншоотҳо | Арзиш (ҳазор сомонӣ) | Ҷойи корӣ | Манбаи маблағгузорӣ | Соли ба истифодадиҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Бинои ҶДММ «Терминал»-и шаҳри Сарбанд | 857,5 | 6 | Соҳибкорон | 2012 |
| 4 | Ҳамагӣ дар соли 2012 | 1727,5 | 15 | Соҳибкорон | |
| 5 | 5 адад сехҳои дузандагӣ, | 290 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 6 | Нуқтаи фурӯши гази моеъ ва шустушӯи мошинҳо | 670 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 7 | Тарабхона барои 160 ҷой | 810 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 8 | Базаи нигоҳдории гази моеъ, | 3390 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 9 | Маркази савдо | 210 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 10 | Коргоҳи истеҳсолии хишти бетонӣ | 733 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 11 | Корхонаи коркарди ашёи хоми пахта | 1295 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 12 | Сехи коркарди чубу тахта | 389 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 13 | Комплекси хизматрасонӣ (сехи дузандагӣ, ошхона, меҳмонхона, базаи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ) | 1690 | | Соҳибкорон | 2013 |
| 14 | Ҳамагӣ дар соли 2013 | 9477 | 230 | | |
| 15 | 2 адад корхонаҳои истеҳсолии хишти пухта | 2481 | 120 | Соҳибкорон | 2014 |
| 16 | Сехи истеҳсоли маҳсулотҳои ордӣ | 691 | 20 | Соҳибкорон | 2014 |
| 17 | Базаи нигоҳдории маҳсулотҳои нафтӣ | 2280 | 20 | Соҳибкорон | 2014 |
| 18 | 2 адад истгоҳи таъмири нақлиёт бо ошхона ва маркази савдо | 2049 | 10 | Соҳибкорон | 2014 |
| 19 | Маркази савдо | 283 | | Соҳибкорон | 2014 |
| 20 | Сехи дузандагӣ | 72 | 8 | Соҳибкорон | 2014 |
| 21 | Нуқтаи фурӯши сӯзишвории нақлиётӣ | 492 | 10 | Соҳибкорон | 2014 |
| 22 | Нуқтаи бордоркунии сунъии чорво ва клиникаи байторӣ | 38 | 5 | Соҳибкорон | 2014 |
| Ҳамагӣ дар соли 2014 | | 8386 | 193 | | |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳибкории хурд дар ш. Сарбанд*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот соли 2014 | Баҳодиҳӣ соли 2015 | Параметрҳои дурнамо (солҳои) | | | | | Соли 2020 нисбати соли 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи корхонаҳои то 15 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 43 | 52 | 54 | 56 | 58 | 60 | 62 | 144 |
| Шумораи корхонаҳои то 50 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 132 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 15 нафар. | 37 | 39 | 41 | 43 | 45 | 47 | 49 | 132 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 50 нафар. | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 140 |
| Шумораи бо кор таъмин будагон (ҳазор нафар) | 0,55 | 0,6 | 0,65 | 0,7 | 0,75 | 0,8 | 0,9 | 164 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар) | 0,38 | 0,40 | 0,45 | 0,50 | 0,55 | 0,60 | 0,65 | 171 |
| Аз он чумла: | | | | | | | | |
| - фаъолият аз рӯи шаҳодатнома (ҳазор нафар) | 0,13 | 0,14 | 0,15 | 0,16 | 0,17 | 0,18 | 0,19 | 146 |
| - бо патент (ҳазор нафар) | 0,27 | 0,30 | 0,32 | 0,33 | 0,34 | 0,36 | 0,40 | 148 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори талаботии ш. Сарбанд дар солҳои 2016-2020 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2015 | с.2017 | с.2018 |
| Бозори истеъмолӣ | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 28,0 | 28,5 | 29,0 | 101,7 | 29,6 | 30,5 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 21,8 | 22,2 | 22,5 | 101,4 | 22,9 | 23,3 |

**2.4. Сохтмон**

Аз соли 2014 то инҷониб дар шаҳр 7 ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 350 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷуда дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмонӣ беш аз 50 ададро ташкил мекунад. Дар шаҳру деҳот асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, бунгоҳҳои тиббӣ, боғчаҳои кӯдакона, таъмиру барқарорсозии роҳу кӯпрукҳо, гузаронидани хатти оби нӯшокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

*Иҷрои корҳои пудратӣ дар ташкилотҳои сохтмонии шаҳр дар солҳои 2012 – 2014 (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номи ташкилот | Корҳои пудратии иҷрошуда, ҳазор сомонӣ | | Фоизи иҷроиш нисбати соли 2012 | Шумораи коргарон |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Соли 2012 | соли 2014 | | |
| 1 | ҶДММ «КСО» –и ш.Сарбанд | 359,7 | 871,6 | 2 баробар | 57 |
| 2 | ҶСШК «СУ-26» | 2190,2 | 3231,1 | 147 | 26 |
| 3 | ҶММ «Қурбониён» | 706,3 | 671,4 | 95 | 26 |
| 4 | ЧММ «Афшона» | 329,4 | 628,1 | 190 | 18 |
| 5 | ҶДММ «РСУ» ш.Сарбанд | 791,3 | 911,5 | 115 | 18 |
| 6 | ҶММ «Чамил» | 290,4 | 730 | 2 баробар | 20 |
| 7 | ҶДММ «Успех» | 719,4 | 982,8 | 136 | 25 |
| | Ҳамагӣ: | 5387,7 | 8026,5 | 149 | 190 |

Дар соли 2014 тавассути ин ташкилотҳо 8026,5 ҳазор сомонӣ корҳои пудратӣ ба сомон расонида шуд, ки нисбати соли 2012-ум 149 %-ро ташкил медиҳад.

Ташкилотҳои мазкур дар солҳои 2012-2014 сохтмони 28 иншоотро тавассути маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармояи хориҷию дохилӣ ба анҷом расониданд. Дар доираи татбиқи БР шаҳри Сарбанд дар давоми солҳои 2016-2020 сохтмон ва барқарорсозии 90 иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ, вилоятӣ, маҳаллӣ, соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин, дар шаҳр 2 иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст, ки сохтмони онҳо дар солҳои 2009-2011 оғоз гардида буданд ва сохтмонашон то ҳол идома доранд.

Бояд қайд кард, ки аксарияти ташкилоту муассисаҳои шаҳр биноҳои маъмурӣ надошта, ҳамчун иҷоранишин дар иншооту биноҳои давлатӣ ва шахсӣ кору фаъолият намуда истодаанд.

Бинобар ин дар давоми 5 соли оянда ба нақша гирифтани сохтмони биноҳои маъмурӣ: Суд ва адвокатура, прокуратура, кумитаи идораи замин, комиссариати ҳарбӣ, нозироти андоз, раёсати молия, нотариус, бахши маориф, бахши сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, бойгони ва ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа тавассути ҷалби маблағҳои мутамарказ зарур мебошад.

*Номгӯи иншоотҳои сохтмонашон нотамом дар шаҳри Сарбанд*

| (ҳазор сомонӣ) № | Номгӯи бино ва иншоотҳо | Фармоишгар | Манбаи маблағгузорӣ | Пудратчӣ | Ташкилоти лоиҳакаш | Арзиши сохтмони бино (ҳ.сомонӣ) | Соли оғози сохтмон | Маблағҳои азхудкардашуда (ҳ. сомонӣ) | Иҷроиш % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сохтмони бинои маъмурии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр | РСА вилояти Хатлон | Буҷети маҳаллии вилояти Хатлон | ҶДММ «Успех»-и ш.Сарбанд | ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» | 13500 | 2004 | 620 | 4,6 |
| 2 | Мактаб барои 1176 хонанда дар деҳаи Боҳтурободи ҷ/д «Гулистон» | Собиқ хоҷагии К.Маркси н. Бохтар | | | | | 1985 | | 25 |
| 3 | Ободони ва таҷҳизонидани боғи фарҳангии шаҳр бо таҷҳизотҳои бозиҳои шавқовар | Соҳибкор Ғуломов С | Соҳибкор | Сохтмони индивидуалӣ | | 245 | 2012 | 200 | 98 |
| 4 | Корхонаи нассоҷӣ | ҶДММ «Коттон-текстайл» | ҶДММ «Коттон-текстайл» | | | 54000 | 2008 | | |
| 5 | Маркази савдо ва манзили истиқоматӣ | Соҳибкор Сатторов Муслиҳиддин | соҳибкор | Сохтмони индивидуалӣ | ҶДММ «Меъмор-ҶТ» | 3500 | 2013 | 1300 | 37 |
| 6 | Дорухона ва манзили истиқоматӣ | Соҳибкор Ҷобирова Фирӯза | соҳибкор | Сохтмони индивидуалӣ | ҶДММ «Меъмор-ҶТ» | 2700 | 2013 | 2570 | 50 |
| 7 | Мағозаи тиҷорати кучаи Борбад | Исматов Тоҷиддин | Соҳибкор | Сохтмони индивидуалӣ | КФ КВД «Лоиҳакаш» в. Хатлон | 120 | 2014 | 30 | 70 |
| 8 | Маркзи савдо дар кучаи Рудакӣ | Халифанов Муҳиддин | Соҳибкор | Сохтмони индивидуалӣ | КФ КВД «Лоиҳакаш» в. Хатлон | 120 | 2014 | 60 | 50 |
| 9 | Боғчаи кӯдакона барои тарбияи 140 нафар кӯдак воқеъ дар кӯчаи И. Сомонӣ | ҶДММ «Аминҷон» | ҶДММ «Аминҷон» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 4000 | 2015 | | |
| 10 | Боғчаи кӯдакона барои тарбияи 140 нафар кӯдак воқеъ дар маҳаллаи Обшорон | ҶДММ «Аминҷон» | ҶДММ «Аминҷон» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 8000 | 2015 | | |

| (ҳазор сомонӣ) № | Номгӯи бино ва иншоотҳо | Фармоишгар | Манбаи маблағгузорӣ | Пудратчӣ | Ташкилоти лоиҳакаш | Арзиши сохтмони бино (ҳ.сомонӣ) | Соли оғози сохтмон | Маблағҳои азхудкардашуда (ҳ. сомонӣ) | Иҷроиш % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | Манзили истиқоматии 5 ошёна воқеъ дар кӯчаи Борбад | ҶДММ «Аминҷон» | ҶДММ «Аминҷон» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 8000 | 2015 | | |
| 12 | Мактаб дорои 10 синфхона дар деҳаи Меҳробод | БММИТ | Бонки рушди Олмон | ҶДММ «Нигора МФМ» | ҶДММ «Меъмор ЛТД» шаҳри Душанбе | 2914 | 2015 | | |
| 13 | Мактаб дорои 4 синфхона дар деҳаи Оқғаза | Аҳолӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ | Аҳолӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтепп | 400 | 2014 | | |
| 14 | Нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ воқеъ дар шоҳроҳи Қурғонтеппа-Сарбанд | ҶДММ «Шоҳроҳ» | ҶДММ «Шоҳроҳ» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 200 | 2014 | | |
| 15 | Нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ воқеъ дар шоҳроҳи Қурғонтеппа-Сарбанд | ҶДММ «Ҳоҷи Султон» | ҶДММ «Ҳоҷи Султон» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 200 | 2015 | | |
| 16 | Нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва гази моеъ воқеъ дар шоҳроҳи Қурғонтеппа-Сарбанд | Соҳибкор Ҷунайдов Хайриддин | Соҳибкор Ҷунайдов Хайриддин | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 200 | 2015 | | |
| 17 | Осоишгоҳ барои қабули 450 нафар дар як вақт воқеъ дар деҳаи Зиғертӣ | ҶДММ «Шоҳроҳ» | ҶДММ «Шоҳроҳ» | Сохтмони индивидуалӣ | Филиали ПЛ ҶСК «Шаҳрофар» дар ш. Қурғонтеппа | 15500 | 2015 | | |
| 18 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби аҳолӣ 287 адад | Аҳолӣ | Аҳолӣ | Сохтмони индивидуалӣ | | | | | |

***Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон:*** маҳдуд будани имкониятҳои буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом, пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ, норасогии шумораи мутахассисони касбӣ, бо иқтидори пурра фаъолият накардани заводи истеҳсоли хишт ва комбинати хонасозӣ, норасогии шумораи техникаҳои сохтмонии баландиқтидор, аз ҷумла кранҳои борбардор, экскаватор ва ғайра.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Соҳаи маориф дар раванди пешравии ҷомеа ва барои расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунандаро мебозад. Дар ин замина баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор маҳсуб ёфта, ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши системаи маорифро дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти сазовор тақозо менамояд.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Таркиби аҳолии шаҳр мутобиқи нишондиҳандаи маълумотнокӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2014 табақаҳои зеринро дар бар мегирад:

*Дараҷаи маълумотнокии аҳолии шаҳри Сарбанд ба ҳолати 31.12.2014*




Амалӣ гаштани Барномаи рушди иҷтимоии шахр дар робита ба соҳаи маориф барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерин равона мегардад:

а) таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таъмиру тармим намудани шабакаҳои гармидиҳӣ ва обу коррезӣ, бунёди гӯшаҳои санитарию беҳдоштии алоҳида барои духтарону писарон;

б) бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин намудани тамоми хонандагон;

в) бунёди муассисаҳои таълимии нави замонавӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва дар заминаи мактабҳои мавҷуда сохтани иншоотҳои иловагии ба фаъолияти мактабҳо алоқаманд;

г) ба роҳ мондани низоми иштироки ҷомеа, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар идоракунии мактабҳо тавассути таъсис додани ассотсиатсияҳои падару модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва масъулияти онҳо дар тарбияи фарзанд, таъмини шаффофияти истифодаи маблағҳои ҷудо гардида.

Дар шаҳр 3 адад муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 12 адад муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ин 2 адад литсейи давлатӣ, 1 литсейи касбӣ, 3 адад муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 1 адад Маркази таҳсилоти иловагӣ, 1 адад Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия, 1 адад Маркази дарёфти рушди истеъдодҳо мавҷуд аст.

Аз шумораи умумии муассисаҳои таълимӣ дар 9 адад муассиса забони таълими тоҷикӣ буда, дар 4 муассиса забони таълими тоҷикию узбекӣ ва дар 1 муассисаи таълимӣ бо забони тоҷикию русӣ таълим ба роҳ монда шудааст.

**Маълумоти томактабӣ.** То санаи 01.01.2015 дар шаҳри Сарбанд 3 адад муассисаҳои томактабӣ фаъолият менамоянд, ки шумораи умумии кӯдакони аз 2-6 сола 495 нафар буда, бо таъсиси 18 гурӯҳ зери назорат ва тарбияи 18 нафар мураббӣ дорои маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Айни замон шумораи умумии кӯдакони то 6 сола дар шаҳр зиёда аз 2158 нафарро ташкил медиҳад, ки фарогирии кӯдакон (синни 2-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ умумӣ 21 %-ро ташкил медиҳад. Иқтидори мавҷудаи муаассисаҳои томактабии шаҳр барои тарбияи 460 нафар кӯдакон пешбинӣ шуда, талаботи ҳозираи фарогирии кӯдаконро қонеъ карда наметавонад. Илова барин дар асоси мурочиати шаҳрвандон зиёда аз 460 нафар кӯдакон барои фарогирӣ дар муассисаҳои томактабӣ дар навбат мебошанд.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Номгӯи муассисаҳо | Иқтидор (нафар) | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 140 | 120 | 65 | 153 | 86 | 160 | 85 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | 80 | 70 | 33 | 90 | 36 | 95 | 47 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №3 | 240 | 200 | 75 | 220 | 85 | 240 | 108 |
| Ҳамагӣ: | 460 | 390 | 173 | 465 | 207 | 495 | 240 |

Новобаста ба норасоии иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои томактабии шаҳр қисман камбудию норасогиҳо мавҷуд аст, ки барои сифатнок намудани таълиму тарбияи кӯдакон монеаҳо эҷод менамоянд. Аз ҷумла, аз кор боз мондани шабакаҳои гармидиҳӣ, нарасидани воситаҳо, таҷҳизотҳо ва асбобу айёниятҳои таълимӣ вобастагӣ дорад. Айни замон муассисаҳои томактабии №№ 2, 3 ба таъмири асосӣ ниёз дошта, бо сабаби корношоям шудани шабакаҳои гармидиҳӣ дар мавсими сардӣ бинои муассисаҳои томактабӣ тариқи печҳои барқии гармидиҳӣ таъмин карда мешаванд, ки аз лиҳози риояи қоидаҳои бехатарӣ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани дастгирии молиявӣ дар самти гузаронидани таъмири ҷории муассисаҳои томактабӣ ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори шаҳрӣ (ба сифати сарпарастон), ташкилотҳои мухталифи хориҷӣ кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида мешавад, ки ин амалҳо нокифоя мебошанд. Дар ҳамин хусус, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи мазкурро дар фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши хусусӣ дар соҳаи мазкур дидан мумкин аст. Мутаассифона, то кунун дар шаҳр ягон кӯдакистони хусусӣ фаъолият намекунад. Вале баъзе аз соҳибкорони маҳаллӣ тасмим гирифтаанд, ки минбаъд дар маркази шаҳр ва маҳаллаи «Обшорон» сохтмони ду кӯдакистони хусусиро ба роҳ монанд, ки ин ба муҳити рақобати софдилона ва табиӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Маълумоти миёна.** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 10563 нафар баробар буда, аз ин 5073 нафар ва ё 48,03 фоизашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумотҳои омории шаҳр шумораи умумии хонандагон сол то сол зиёд шуда, дар давоми соли хониши 2014-2015 ба 10563 нафар хонандагон расидааст. Аз ин шумора дар басти аввал 4214 нафар хонандагон (39,9 %), дар басти дуюм 6349 нафар хонандагон (60,1%) буда, ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Хушбахтона дар шаҳри Сарбанд бинобар вуҷуд доштани имкониятҳои мусоид дар муассисаҳои таълимӣ ба таҳсил фаро гирифтани хонандагон дар басти сеюм мавҷуд нест.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» бинобар сабаби дар масофаи дур ҷойгир будани манзили сокинон аз мактаб ва набудани муассисаи таълимии асосӣ ҷалби духтарон ба зинаи сеюми таҳсилот, яъне синфи 10 мушкил мебошад.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| I | 984 | 504 | 477 | 48,5 | 984 | 501 | 483 | 49 | 979 | 540 | 439 | 44,8 |
| II | 1044 | 517 | 527 | 50,4 | 994 | 504 | 490 | 49,2 | 979 | 487 | 492 | 50,2 |
| III | 996 | 495 | 471 | 47,2 | 1062 | 534 | 528 | 49,7 | 978 | 494 | 484 | 49,4 |
| IV | 1052 | 569 | 483 | 45,9 | 997 | 528 | 469 | 47 | 1042 | 523 | 519 | 49,8 |
| Ҳамагӣ I-IV | 4076 | 2085 | 1958 | 48 | 4037 | 2067 | 1970 | 48,7 | 3978 | 2044 | 1934 | 48,6 |
| 5 | 1022 | 533 | 489 | 47,8 | 1059 | 572 | 487 | 45,9 | 994 | 521 | 473 | 47,5 |
| 6 | 1080 | 566 | 514 | 47,5 | 1019 | 528 | 491 | 48,1 | 1036 | 546 | 490 | 47,2 |
| 7 | 1152 | 583 | 569 | 49,3 | 1085 | 568 | 517 | 47,6 | 1026 | 526 | 500 | 48,7 |
| 8 | 997 | 527 | 470 | 47,1 | 1145 | 576 | 569 | 49,6 | 1092 | 580 | 512 | 46,8 |
| IX | 1032 | 594 | 438 | 42,4 | 996 | 554 | 442 | 44,3 | 1125 | 570 | 555 | 49,3 |
| Ҳамагӣ V-IX | 5283 | 5283 | 2480 | 46,9 | 5304 | 2798 | 2506 | 47,2 | 5273 | 2743 | 2530 | 47,9 |
| X | 534 | 234 | 300 | 56,1 | 670 | 315 | 355 | 52,9 | 634 | 321 | 313 | 49,3 |
| XI | 652 | 378 | 274 | 42 | 544 | 334 | 210 | 38,6 | 678 | 382 | 296 | 43,6 |
| Ҳамагӣ X-XI | 1186 | 612 | 574 | 48,3 | 1214 | 649 | 565 | 46,5 | 1312 | 703 | 609 | 46,4 |
| Ҳамагӣ: | 10545 | 7980 | 5012 | 47,5 | 10555 | 1298 | 5041 | 47,7 | 10563 | 5490 | 5073 | 48 |




Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 хонанда муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе муассисаҳои таълимии шаҳр шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 30 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат мекунад.

Муассисаҳои таълимии шаҳр аз норасоии таҷҳизотҳои лабораторӣ (реактивҳо) дар озмоишгоҳҳои фаннӣ (алалхусус аз фанни химия, биология, физика) ҷиҳати гузаронидани корҳои амалӣ аз назария ба амалия гузаштан танқисӣ мекашанд.

**Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.** Бо мақсади ба таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагон аз оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010, №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ (ҷуброн) ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд» ҳар нимсола ба 2113 нафар, ки 20 фоизи шумораи умумии хонандагонро ташкил медиҳад, ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

Дар шаҳри Сарбанд соли 2014 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонадагоне, ки яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, ба оилаҳои камбизоат шомиланд ва аз оилаҳои серфарзанд ба шумор мераванд (беш аз 5 кӯдак) ба мактаб аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 2113 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 42260 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 20 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст. Дар соли хониши 2012 ба 1582 хонанда ба маблағи 63280 сомонӣ, соли 2013 ба 1584 хонанда ба маблағи 63360 ва соли 2014 бошад ба 1590 хонанда ба маблағи 63600 сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шудааст.

*Пардохти кӯмакпулиҳо ба кӯдакони оилаҳои камбизоат*
*барои солҳои 2012-2014 (ба ҳисоби ҳазор сомонӣ)*




Айни замон дар шаҳри Сарбанд 17 (аз ин миқдор 3 адад дар муассисаи томактабӣ) кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф марбут аст.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии шаҳр ба 31.12.2014 беш аз 608 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 372 нафар ва ё 61,9 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 570 | 600 | 608 | 106,6 |
| аз ҷумла, занон | 320 | 384 | 372 | 116,2 |
| Дорои маълумоти олӣ | 325 | 358 | 432 | 132,9 |
| аз ҷумла, занон | 190 | 195 | 372 | 195,7 |
| Олии нопурра | 216 | 221 | 536 | 248,1 |
| аз ҷумла, занон | 117 | 170 | 311 | 2,7 мар |
| Миёнаи умумӣ | 10 | 21 | 72 | 720 |
| Аз ҷумла занон | 9 | 19 | 61 | 6,8 мар |
| Норасогии кадрҳо | 16 | 15 | 12 | 75 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 27 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд. Дар

муассисаҳои таълимии шаҳр дар соли 2014-ум мутаносибан 12 нафар омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, химия) намерасад.

Дар доираи ташкил гардидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар давоми солҳои хониши 2013-2014 ва 2014-2015 тибқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 90 % омӯзгорон ва ё зиёда аз 504 нафари онҳо таҷрибаю малакаҳои худро такмил додаанд.

**Маълумоти фарогир.** Дар шаҳри Сарбанд ба санаи 31.12.2014 умуман 6 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 5 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 3 нафар духтарон) дар муассисаи таълимӣ (муассисаҳои № 6 ва 8 ) ба таълим фаро гирифта шуда ва 1 нафари боқимонда ба таълими хонагӣ-инфиродӣ (инклюзивӣ) дар муассисаи таълимии №1 ба таълим фаро гирифта шудааст.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Дар шаҳри Сарбанд дар хонаҳои шахсӣ, вагонҳо ва биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ умуман таҳсил ба роҳ монда нашудааст.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол афзоиш меёбад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ ба миён омадааст, ки аҳамияти ҷиддиро талаб менамояд.

Вобаста ба ин дар давоми 5 соли оянда тавассути ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ сохтмон ва бунёди муассисаи таълимии нав дар деҳаи Оқгазаи ҷамоати деҳоти «Гулистон» барои таълим ва тарбияи 600 хонанда, идомаи бунёди мактаби сохтмонаш нотамом дар деҳаи Боҳтуробод ҷамоати деҳоти «Гулистон», бунёди муассисаи таълимии нав дар маркази шаҳр барои таълим ва тарбияи 360 хонанда, бунёди 6 синфхонаи иловагӣ дар деҳаи Зағертути ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» барои таълиму тарбияи 150 хонанда ва сохтмони истироҳатгоҳи замонавӣ барои ҷалби 500 кӯдакону наврасон дар шаҳри Сарбанд бо маблағгузории Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон ва маблағҳои худӣ зарур мебошанд.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯҳияи баланд тарбия намудани кадрҳо дар мактабҳо пайваста инфрасохтори зарурии варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии шаҳр 2 адад толорҳои варзишӣ ва 16 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст.

**Компютеркунонии мактабҳо.** Ба санаи 31.12.2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр 22 синфи компютерӣ ташкил карда шуда, синфҳои мазкур бо 322 адад компютер, 42 адад принтер таъмин карда шуда, ки ба ҳисоби миёна ба 1 комплект компютер 15 нафар хонанда рост меояд. Компютеркунонии муассисаҳои таълимии шаҳр дар асоси татбиқи «Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 3 адад генератор мавҷуд мебошад.

Новобаста аз ин, дар фасли зимистон норасоии мунтазами нерӯи барқ дар муассисаҳои таълимӣ дар деҳот ҷойдошта, ҷиҳати гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанни технологияи информатсионӣ монеа мешаванд, ки зарурати гузаронидани хаттӣ озоди барқӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҳатмист.

**Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармидиҳӣ.** Бо сабаби солҳои дароз мавриди истифода қарор доштани қубурҳои обгузар дар мактабҳои ҳудуди шаҳр таъминоти номунтазам бо оби нӯшокӣ мушоҳида мешавад.

Системаи таъминоти гармидиҳии муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳр ва ҷамоатҳои деҳот аслан тавассути таҷҳизоти баркӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Бинобар кор накардани системаҳои гармидиҳии мавҷуда, аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Аз ҳисоби буҷети шаҳр дар соли 2012-6,1 миллион сомонӣ, соли 2013-6,6 миллион сомонӣ ва дар соли 2014–8,55 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2014 ба миқдори 8,55 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2013 ба андозаи 1,9 миллион сомонӣ ё 134,9 фоиз зиёд мебошад.

*Маблаггузории соҳа дар тули солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*




Тибқи дурнамо дар соли 2016 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудо намудани 8,82 миллион сомонӣ дар назар дошта шудааст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Бинобар ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар соли 2013-2014 танҳо 381 нафар тибқи Маркази миллии тестӣ ба мактабҳои олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 1243 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳр ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳрҳои Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Душанбе, барои аз худ кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил шуданд. Илова бар ин дар тӯли солҳои 2011-2014 аз ҳисоби хатмкунандагони муассисаҳои таълимии шаҳр 26 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо) таҳсил менамоянд.

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи Президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012-2014 тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 60 нафар дохил шуданд, ки 29 нафар писар ва 31 нафарашон духтарон мебошанд.

Тибқи нақшаи дурнамои соли 2016 қабули 20 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар аз ҳисоби квотаи Президентӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 10 нафараш духтарон мебошанд.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

**Ҳолати умумӣ.** Бахши тандурустӣ дар шаҳр яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок ба шумор меравад.

**Солимии модарон.** Беҳдошти солимии модарон татбиқи Барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС-и шаҳр, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро мебозанд. Масъалаҳои пешрафт

ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гурӯҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии шаҳр алоқаманд мебошад.

*Таваллуд ва фавти модарон дар шаҳри Сарбанд дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 1082 | 1164 | 1293 | 1361 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 994 | 1081 | 1226 | 1305 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 91,8 | 92,8 | 94,8 | 95,8 |
| Таваллуд дар хона | 97 | 91 | 80 | 70 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 8,2 | 7,2 | 5,2 | 4,2 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | - | - | - | 1 |

Дар натиҷаи пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас аз тарафи муассисаҳои тиббии шаҳр дар давоми солҳои охир шумораи таваллуд дар хона коҳиш ёфта, сатҳи маърифатнокии солимии шаҳрвандон махсусан оид ба саломатии модару кӯдак ба мақсад мувофиқ меояд.

Мутобиқи маълумоти мутахассисони соҳаи тиб, мушкилии асосӣ дар самти хизматрасонӣ ба занони ҳомила дар он зоҳир мешавад, ки новобаста аз муайян намудани бемориҳои экстрогениталӣ миёни занони ҳомила, бо сабабҳои саривақт бистарӣ нашудан ва тибқи тартиби муайянгардида ҳозир нашудан ба қабули духтурон ба баъзе мушкилиҳои вобаста ба саломатӣ дучор мегарданд.

Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии шаҳр ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 8 | 9 | 5 | 3 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 7,3 | 7,1 | 3,8 | 2,2 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 29 | 26 | 25 | 26 |
| Бо ҳисоби фоиз (‰) | 26,7 | 23,6 | 19,3 | 19,1 |

Сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакон ин рушди соҳаи тибби оилавӣ ва баланд гардидани хизматрасонӣ дар самти саривақт табобат намудани занони ҳомила ва кӯдакони онҳо ба ҳисоб меравад.

*Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 1021 | 1003 | 362 | 557 |
| Камхунӣ | 814 | 883 | 332 | 517 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 7,1% | 7,3% | 2,9% | 4,2% |
| Гирифтори ҷоғар | 207 | 150 | 30 | 40 |
| Бо ҳисоби фоиз (%): | 1,8% | 1,2% | 0,2% | 0,3% |

Таҳлил нишон дод, ки дар давоми солҳои 2012, 2013 ва 2014 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам коҳиш ёфта истодааст. Аммо дар соли 2014 шумораи чунин беморӣ нисбат ба соли 2013 ба миқдори 195 нафар зиёд гардидааст, ки чунин тамоюл нигаронкунанда мебошад. Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад. Дар ҳамин хусус

андешидани тадбирҳои муассир дар самт хеле зарур мебошад. Яке аз роҳҳои ҳаллӣ мушкилоти мазкур ин тавассути ҷалби институтҳои молиявӣ ҷиҳати пурра таъмин намудани муассисаҳои тиббии шаҳр бо доруворихҳои зиддӣ камхунӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шаҳри Сарбанд ба ҳолати 31.12.2014 занҳои қобили таваллуд 12141 нафарро ташкил дода, шумораи таваллуд дар соли 2014-ум ба 1361 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2012-ум ба миқдори 279 нафар зиёд таваллуд шудааст.

Дар давоми соли 2014-ум ҷиҳати мусоидат ба солимии репродуктивии занон аз тарафи мутахассисони Маркази солимии репродуктивии шаҳри Сарбанд ба 3259 нафар (26,9%) занони қобили таваллуд маводҳои конторосептивӣ дода шуд. Дар ҷамоатҳои деҳоти «Ваҳдат»-у «Гулистон»-и шаҳр бо ҷалби мутахассисони маркази мазкур дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омӯзишӣ дар мавзӯъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда» ба роҳ монда шуданд. Бо мақсади беҳтар намудани иттилоотнокии аҳолӣ ба масъалаи гузошташуда, иштирокчиён бо китобчаҳои зарурӣ аз қабили «Ман медонам» ва «Интихоби ман» бо забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ таъмин гардиданд.

**Бемориҳои сироятӣ.** Дар баробари дигар соҳаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии шаҳри Сарбанд пешгирӣ намудани бемориҳои сироятӣ иборат мебошад.

*Тамоюли бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2011-2014*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 42 | 42 | 34 | 33 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 39 | 35 | 27 | 26 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 1 | - | - | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 212 | 175 | 246 | 243 |
| Гелминтоз | 119 | 121 | 116 | 83 |
| Табларза (малярия) | - | - | - | - |
| Бемории ВНМО | 7 | 4 | 1 | 5 |
| Домана | 2 | 2 | 2 | - |

Дар шаҳри Сарбанд ҳамасола дар доираи амалӣ намудани «Барномаи миллии барҳамдиҳии бемориҳои гелминтӣ дар ҶТ барои солҳои 2011-2015» ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирмгардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои (таблетка) «Албендазол» гузаронида мешавад.

Дар баробари ин, гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба 4 нафар зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқуъ пайвастааст.

Дар давоми соли 2014 бемории домана дар шаҳри Сарбанд пурра аз байн рафтааст, ки ба ин безараргадонии оби нӯшокӣ ва баланд гардидани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, мунтазам гузаронидани корҳои профилактикӣ ва санатираию беҳдоштӣ, инчунин тадбирҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ аз ҷониби Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим боис гардидааст.

Дар давоми соли 2014 ба муассисаҳои тандурустии шаҳр 3-адад дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, РО-6 ба миқдори 1 адад, РО-9 ба миқдори 2 адад, монитори назди кати бемор 1 адад, оксигенератор 2 адад, дастгоҳи сабти барқии дил 2 адад, ҷевони хушктамизкунӣ 2 адад, 20 адад кати хоби беморони калонсол ва 15 кати дигар барои кӯдакон ворид карда шуд, ки андаке заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид.

Дар ҳамкории зич бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид тӯли солҳои 2011-2012 бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои

ВНМО, сил ва вараҷа дар ҷамоатҳои Ваҳдат ва Гулистони шаҳри Сарбанд лоиҳаи «Ҷомеаи солим» амали гардид. Мақсади асосии лоиҳа ин пешгирии паҳншавии бемории сил, ошкор кардани беморон ва назорати табобати беморони ДОТС маҳсуб ёфта, дар ин самт дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аломатҳои бемории сил, роҳҳои пешгирӣ ва тарзи табобати он ба анчом расонида шуд.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар шаҳри Сарбанд бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, кам хунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва равандиислоҳот.** Системаи тандурустии шаҳри Сарбанд аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Муассисаҳои тиббии шаҳри Сарбанд*

| | | |
|---|---|---|
| Сохтори КАТС | Маркази саломатии шаҳрӣ | 1 |
| | Марказҳои саломатии деҳотӣ | 4 |
| | Бунгоҳҳои тиббӣ | 7 |
| | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | 12 |
| Сохтори госпиталии Беморхонаи марказии шаҳр | Беморхонаи марказӣ барои 240 кат | 1 |
| | Беморхонаи рақамӣ барои 60 кат | 1 |
| | Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим | 1 |
| | Шуъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ | 1 |
| | Шумораи умумии муассисаҳои Сохтори госпиталӣ | 4 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |

Ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳои тиббӣ дар шаҳр як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур ба шумор меравад. Аз ҷумла:

- набудани шуъбаи ҷарроҳии кӯдакона;
- набудани маблағ барои таъмири асосии Беморхонаҳои минтақавию рақамӣ;
- таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;
- пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;
- набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии шаҳр аз қабили таҷҳизотҳои рентгенӣ, флюрография, тамизкунанда, гастроскоп, кювез оксигенератор, лапороскоп, фиброгастроскоп, колоноскоп, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, кардиомониторҳо, таҷҳизотҳои лабораторӣ, дефиблятор, яхдонҳои нигоҳдории хун ва дигар таҷҳизотҳо.

Инчунин сохтмон ва бунёди иншоотҳо аз қабили бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Устотоймаси ҷамоати деҳоти «Ваҳдат», бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Оқгазаи ҷамоати деҳоти «Гулистон», бунгоҳҳои тиббӣ дар деҳаҳои Навобод ва Тоҷикободи ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон ва аҳолӣ зарур аст.

*Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандогни хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 171 | 92 | 21 | 24 | 34 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 53,8 | 12,3 | 14 | 19,9 |
| Хадамоти бистарӣ | 279 | 126 | 23 | 46 | 84 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 45,2 | 8,2 | 16,5 | 30,1 |

Таъмири асосии сохтори госпиталии Беморхонаи марказӣ ва таҷдиди беморхонаи №1 деҳаи Боҳтурободи ҷамоати деҳоти «Гулистон» ҳатмист.

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

**Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.** Дар шаҳри Сарбанд барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ на чандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарор дорад.

*Мушкилиҳои мавҷудаи системаи тандурустии шаҳри Сарбанд*

| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|
| I. Бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои табобатию профилактикии шаҳр | |
| 1. Фарсуда гардидан ва нарасидани таҷҳизоти муоинаи тибби рентгенӣ, автаклав, УЗИ, бранхоскоп, дифирилятор, кардиомонитор, оксигенератор, кювез ва асбобҳои ҷарроҳӣ | Беморхонаи марказӣ ва Маркази саломатии шаҳр |
| 2. Норасогии дорувории бепул барои шахсони имтиёз дошта | Беморхонаи марказии шаҳр ва муассисаҳои КАТС-и шаҳри Сарбанд |
| II. Вуҷуд надоштани муассисаҳои тиббӣ | |
| 1. Набудани бинои маъмурии хонаҳои саломатӣ | Бунгоҳи саломатии Оқгаза 2 |
| 2. Фарсуда ва корношоямии бинои муассисаҳои табобатӣ | Таъмири шӯъбаҳои кӯдакона, таҳлилгоҳ, шустушӯйхона, ошхона, шуъбаи амрози занона, шуъбаи ҷарроҳӣ, МСД Оқгаза 1, бунгоҳи саломатии Заҕертӣ ва ҳуҷраҳои шустушӯйхона |
| 3. Набудани марказҳои саломатӣ | Дар деҳаи Устотоймас, Навобод, Тоҷикобод ва маҳаллаи Обшорони шаҳри Сарбанд |

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии шаҳр аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди шаҳри Сарбанд бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии шаҳри Сарбанд ба ҳолати 31.12.2014 миқдори 41,6 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 22,2 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол ру ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 3 % афзоиш ёфтааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба 31.12.2014 дар шаҳр 3 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 5 нафар маъюбони Чернобил ва 1112 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1, 2, 3 ба қайд гирифта шуда, ки аз ин шумораҳо 600 нафарашон зан ва 512 нафарро мардон таш кил медиҳад. Ҳадафи асосӣ ҷиҳати дастгирии маъюбон таъмин намудани курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд.

Ба ҳолати 31.12.2014 дар шаҳр ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақаи миёна 242,49 сомонӣ, аз ҷумла аз рӯи пиронсолӣ 252,64 сомонӣ, аз рӯи маҳрум гардидан аз саробон

152,23 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 246,13 сомонӣ ва нафақаи ичтимоӣ 123,18 сомониро ташкил медиҳад.

*Шумораи нафақахӯрон*
*аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 1692 | 1699 | 1673 | 1735 | 102 |
| Маъюбон | 962 | 842 | 973 | 937 | 97 |
| Маъюбони модарзод | 156 | 163 | 167 | 175 | 112 |
| Бесаробонмондагон | 482 | 539 | 542 | 550 | 114 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 3292 | 3243 | 3355 | 3397 | 103 |

Яке аз масъалаҳои муҳим ҷиҳати бомаром ба роҳ мондани хизматрасониҳо дар соҳаи мазкур, бунёди бинои нави маъмурӣ ва таъмини кормандон бо таҷҳизотҳои корӣ ба ҳисоб меравад. Айни замон утоқҳои кории шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар шаҳри Сарбанд ҳамчун иҷорагир дар бинои хусусӣ ҷойгир шуда, дар баъзе мавридҳо ҷиҳати саривақт пардохт намудани маблағҳои иҷоравӣ ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Дар соли 2014 шумораи умумии хонаводахое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпӯлӣ гирифтаанд 1275 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2011 ба 0,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2011 барои 1265 оила 167,9 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2012 бошад барои 1412 оила 167,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 барои 1334 оила 157,3 ҳазор сомонӣ, дар соли 2014 барои 1275 оила 203,7 ҳазор сомониро ташкил медод.

*Ҳаҷми ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ*




Омили асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа мунтазам таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар асоси рушд ёфтани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва фароҳам овардани имкониятҳои молиявӣ ба тасвиб расидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти №1493 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо» ба шумор меравад.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.** Дар ин самт Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона»-и шаҳри Сарбанд фаъолият менамояд, ки ба

шахсони дар қайд буда дар хонаҳояшон хизматрасониро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони муассиса 8 нафарро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 шумораи умумии нафақахурон, ки дар қайд мебошанд 69-нафарро ташкил медиҳад, ки ба ҳамаи онҳо пурра хизматрасониҳо ба анҷом расонида шудааст. Аз шумораи умуми 21 нафарашонро маъюбон ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 аз ҳисоби корхонаву муассисаҳо ва соҳибкорон, Кумитаи имдоди Имом Ҳумайнӣ ба маблаҳи умумии 98,1 ҳазор сомонӣ кӯмаки моддию молиявӣ расонида шудааст.

Дар ҳудуди шаҳр шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин нарасидани маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатон ташкил дода, сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Сарбанд дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ ва ҳолати воқеии бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор таъсиси 4946 ҷойҳои нави корӣ ба қайд гирифта шуда, ки аз ин шумора 1678 ҷойи корӣ дар давоми соли 2014 мебошад. Бо сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Сарбанд дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

*Раванди татбиқи Барномаи мусоидат*
*ба шуғли аҳолии ш. Сарбанд барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 820 | 847 | 850 | 861 | 1558 | 1560 | 1678 | 1678 | 198,1 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 231 | 264 | 270 | 297 | 270 | 324 | 325 | 436 | 165,1 |
| Касбомузӣ | 65 | 65 | 100 | 100 | 135 | 135 | 150 | 170 | 2,6 мар |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 30 | 49 | 32 | 32 | 32 | 32 | 47 | 47 | 96 |
| Кӯмакпулӣ барои бекорӣ | 21 | 23 | 27 | 32 | 28 | 28 | 29 | 29 | 126 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳамаи нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда шуда, новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, фарқияти калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои

буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба миён омадааст.

Дар доираи «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар шаҳри Сарбанд барои солҳои 2012-2014» дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 405 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб, компютер, зардӯз, қаннод, омӯзиши забони русӣ ва ғайра).

Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи стратегии Барномаи рушди шаҳр дар панҷ соли оянда бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман ба қайд гирифташуда саривақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст.

Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 100 нафар ё инки 47,4 % афзоиш ёфтааст, ки сабаби афзоиш ёфтани он ба қадри кофи таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад.

Дар соли 2014 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда танҳо 70,2 % он ба кор таъмин карда шудаанду халос.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (22,2 ҳазор нафар) шумораи бекорон 311 нафарро ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Давоми чор соли охир дар доираи «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Сарбанд солҳои 2011 – 2014 беш аз 1367 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Шумораи умумии бекороне, ки дар солҳои 2011-2015 аз қарзҳои бефоиз дар гардишбуда истифода намудаанд 120 нафарро ташкил дода, аз ин шумора дар солҳои 2011 ба 28 нафар ба маблағи 66931 сомонӣ, 2012 ба 32 нафар ба маблағи 92700 сомонӣ, 2013 ба 30 нафар 87000 сомонӣ ва соли 2014 ба 30 нафар ба маблағи 94500 сомонӣ дода шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 338200 сомонӣ баробар аст.



Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин маҳдуд будани меъёри маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 30 нафар ба маблағи 90000 (навад ҳазор) сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар шаҳр иқтидорҳои зиёди истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи паст намудани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Сарбанд то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат махсуб меёбад. Бо ин мақсад талаботи воқеии бозори меҳнатро ба инобат гирифта, то соли 2020 ташкили зиёда аз 5470 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

Яке аз мушкилотҳои асосие, ки мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст ин ба талаботҳои муосири фаъолияти корӣ мутобиқ набудани шароити кории Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Утоқҳои кории муассисаи мазкур солҳои зиёд аст, ки дар бинти хусусӣ ҳамчун иҷоранишин ҷойгир шуда, аз норасоии таҷҳизотҳои муосир танқисӣ мекашад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ;
- сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
- саривақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.
- сари вақт пешниҳод накардани шумораи ҷойҳои нави корӣ ба шуъбаи Агентӣ аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои истеҳсолию маишии хусусӣ.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар шаҳр дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 175 % афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол аз сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011(%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 477 | 452,80 | 510,24 | 447,48 | 93,8 |
| Кишоварзӣ | 214,45 | 144,08 | 170,51 | 205,12 | 95,6 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 196,3 | 382,05 | 487,52 | 555,80 | 2 маротиб |
| Нақлиёт | 656,15 | 743,76 | 859,68 | 864,02 | 131,6 |
| Алоқа | 428,33 | 321,61 | 417,81 | 600,00 | 140 |
| Маориф | 341,56 | 428,73 | 585,68 | 636,15 | 186,2 |
| Тандурустӣ | 356,15 | 520,50 | 689,06 | 698,74 | 196,2 |
| Фарҳанг | 260,48 | 338,32 | 434,92 | 526,58 | 2 маротиб |
| Бонкҳо | 583,88 | 630,26 | 944,71 | 1207,93 | 2 маротиб |
| Сохтмон | 1252,18 | 268,08 | 886,08 | 744,32 | 59,4 |
| Ҳамагӣ дар шаҳр (ба ҳисоби миёна) | 475,31 | 529,83 | 680,96 | 832,05 | 175 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки чун пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда аст, ки даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи пешбининамудаи Кодекси меҳнатро риоя намекунанд.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Дар шароити кунунӣ барои таҳким бахшидан ба муносибатҳои нав дар робита ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ вобаста ба таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар шаҳр асоси ташаккул ёфтани сарчашмаи даромади воқеии аҳолӣ маҳсуб гашта барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум замина мегузорад. Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушд ёфтани фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сохтмон, пардохти андозҳо ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад. Зеро ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2014 қариб ба 4 миллион доллари ИМА (20,4 миллион сомонӣ) расидааст. Дар соли 2013 ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 4,7 миллион доллари ИМА ва соли 2012 бошад 462,2 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил доданд.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда муҳоҷират дар соли 2012 ба 1316 нафар (64 зан), дар соли 2013 ба 1881 нафар (171 зан) ва дар соли 2014 ба 1376 нафар (105 зан) расидаст. Раванди муҳоҷират дар давоми соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 26,8 % коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии чунин тамоюли пастравӣ ба бӯҳрони иқтисодии Федератсияи Россия иртибот дорад. Дар ҳамин хусус, ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолии шаҳр (Ширкати Хитоӣ вобаста ба анҷом додани корҳои таҳқиқотию сейсмологӣ, 2 адад корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, сехи истеҳсоли маҳсулоти ордӣ (макарон) ва қаннодӣ, базаи нигоҳдории маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ, сехи дӯзандагӣ, 2 адад истгоҳҳои таъмири нақлиёт, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва ғайра) имкон дод, ки дар соли 2014 зиёда аз 377 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

*Тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ*
*дар давоми солҳои 2012-2014 (нафар)*




Бинобар ба вуқуъ пайвастани бӯҳрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд коҳиш меёбад, ки ин равиш ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои

федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, буҳрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳо (санксияҳо) нисбати кишвари Россия, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия коҳиш меёбад.

**3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат**

Дар шаҳри Сарбанд 10 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст. Аз ин: 1 адад қасри фарҳанг, 1 адад клуби сайёр, 1 адад хонаи маданият, 4 адад китобхона (1- марказӣ, 1- бачагона ва 2- китобхонаи деҳотӣ), 1 адад мактаби санъати бачагона, 1 адад боғи истироҳатии фарҳангӣ ва 1 адад осорхонаи таърихӣ.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии шаҳри Сарбанд 69-нафарро ташкил дода, аз ин 11 нафар дорои маълумоти олӣ, 3 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 26 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 29 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд, ки аз ин 25 нафарашонро кормандони техникӣ ташкил медиҳанд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2011-2014 беш аз 6 нафар аз тарафи бахши фарҳанги шаҳри Сарбанд, (оид ба коргардонӣ, корманди муассисаҳои клубӣ ва китобдории китобхонаҳои марказӣ) ба Донишкадаи ҳунарҳои зебо ба номи Мирзо Турсунзода барои такмили ихтисос равон карда шуданд.

Дар айни замон муассисаҳои фарҳангии шаҳри Сарбанд аз норасоии мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ аз ҷумла коргардон, устодони рақс, омӯзгори асбобҳои нафасӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баланд ихтисос зиёда аз 6 нафарро ташкил медиҳад.

Дар баробари гуфтаҳо қайд кардан зарур аст, ки ҷиҳати фаъолияти мунтазами муассисаҳои фарҳангӣ автомашинаи хизматии барои фаъолияти клуби сайёр, асбобҳои мусиқии халқӣ ва муосир, асбобҳои тақвияти овоз, сару либосҳои саҳнавӣ ва таҷҳизотҳои кинонамоишдиҳӣ намерасанд.

Бунёди бинои алоҳида барои мактаби санъати бачагона бо таҷҳизоту лавозимотҳои зарурӣ дар шаҳр айни муддао буда, баҳри ҳунаромузии кӯдакон ва дар оянда омода намудани кадрҳои соҳибихтисос таъсири мусби мерасонад.

**Осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ.** Осорхонаи таърихии шаҳри Сарбанд соли 1996 ташкил ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, аз 3 шӯъба: шуъбаи (Инқилоби Касири Сотсиалистии Октябр), шуъбаи замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) ва шӯъбаи замони муосир иборат мебошад. Дар ин осорхона беш аз 130 расму ҳуҷҷатҳо ва 8 дона гӯшаҳо мавҷудаст, ки тасвиркунандаи таърихи гузаштаю имрӯза ва фарҳанги ниёгони мардуми заҳматкаши шаҳри Сарбанд мебошад. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасоии нигораҳои таърихӣ ва бунёди бинои алоҳидаи осорхона мебошад.

**Боғи фарҳангию фароғатӣ.** Боғи фарҳангию фароғатии шаҳр соли 1968 дар майдони 10,5 гектар ташкил гардида, ба тобеияти бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр мансуб аст. Шумораи умумии кормандони боғ 10 нафар мебошанд. Боғи фарҳангию фароғатии шаҳр дорои 8 адад арғунчакҳо барои хурдсолон ва 1 адад майдончаи консертӣ мебошад. Дар соли 2012 аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ дар дохили боғ арғунчакҳо барои хурдсолон сохта шуд. Айни замон, дар боғи мазкур бунёди 2 адад атраксиони калон (чархофалак), 10 адад аттраксиони хурд ва 10 адад арғунчакҳо зарурат доранд. Илова бар ин, нарасидани ҷойҳои нишаст барои фароғат, хонаи саққобозӣ ва теннис, чойхона барои мӯйсафедон, фарсуда шудани механизми равшаннокии шабонаи боғ (махсусан норасоии прожектор ва плафонҳо), норасогии нуқтаи радиошунавоӣ (баландгӯяк) мушкилиҳои асосӣ дар ин самт маҳсуб мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати фароғати пурсамари шаҳрвандон барқарорсозии толори консертии тобистонаи боғ яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба шумор меравад.

Дар шаҳри Сарбанд 4 адад китобхона фаъолият доранд, ки аз ин китобхонаи марказӣ, китобхонаи бачагона дар мувозинаи бахши фарҳанги шаҳр буда, 2 адад китобхонаҳои деҳот дар мувозинаи ҷамоатҳои деҳот мебошанд.

Дар китобхонаҳо норасоии мизу курсиҳо дар толори хониш, китобҳои тозанашр, ҷевону рафҳои китобмонӣ, таҷҳизоти компютерӣ аз ҷумлаи мушкилотҳо мебошанд. Айни замон сохтмони китобхонаҳо дар ҳудуди шаҳраку ҷамоатҳои деҳот ба мақсад мувофиқ буда, ҷиҳати баланд бардо штани сатҳи саводнокии аҳолии шаҳр мусоидат менамоянд.

### 3.5. Соҳаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

**Соҳаи сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар шаҳри Сарбанд яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок дарояндаи наздик маҳсуб меёбад. Мавзеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ландшафти зебои кӯҳӣ, табиати дилпазир, аз паҳлӯи шаҳр гузаштани дарёи Вахш, обанбори сунъӣ (плотинаи НБО Сарбанд) ва мавҷудияти инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: осорхонаи шаҳрӣ, майдонҳои варзишӣ, боғи истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳои замонавӣ метавонад дар рушди минбаъдаи шаҳри Сарбанд ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Дар ҳамин хусус, рушди соҳаи туризм барои паст кардани сатҳи бекорӣ дар шаҳр замина гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад ва барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ тариқи пардохти андозҳо мусоидат хоҳад кард.

Дар доираи татбиқ гаштани «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» то соли 2017 дар шаҳри Сарбанд ба анхом расонидани як қатор корҳои муҳим ҷиҳати: баргузор намудани Конфронси туристӣ таҳти унвони «Марҳамат ба Сарбанд», таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба бунёд ва беҳсозии инфрасохтори туризм, истеҳсол ва пахши маводҳои таблиғотӣ-иттилоотӣ оид ба мавзеҳои тамошобоби шаҳр,таҳия ва паҳннамоии DVD роликҳои туристӣ миёни сайёҳони хориҷию дохилӣ ва таҳия, нашр ва тавсеаи роҳнамоҳо, нақшаҳои хатсайрҳо, маҷаллаҳо,харитаҳо ва маълумотномаҳои туристӣ бо забонҳои русӣ ва англисӣ ва ғайраҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар баробари ин, барои рушди варзиши куҳӣ, велотурҳо, рафтинг ва мотокросс дар шаҳри Сарбанд имконоти хеле зиёд мавҷуд мебошад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тохикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, № 278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар шаҳри Сарбанд нақшаи чорабининиҳои рушди соҳа мушаххасан тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Ҳоло дар шахр 1 адад варзишгоҳ, 15 адад майдончаи баскетбол, 30 адад майдончаҳои волейбол, 2 адад майдончаи туби дасти, 11 адад майдончаи футбол, 7 адад толорҳои варзиши дар назди мактабҳо, 1 толори бокс мавхуд буда ба ҳаводорони варзиш ва мардум барои истифода пешкаш гардидааст. Вале бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ, инфрасохтори кунунии шаҳри Сарбанд нокифоя буда бунёди муассисаҳои варзишӣ ва иншоотҳои навро тақозо менамояд.

Дар шаҳр 1 адад мактаби варзишии кӯдакону наврасон фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 12 нафар мураббиён аз рӯи 9 намуди варзиш, футбол, волейбол, баскетбол, гуштини тарзи самбо, дзю-до, зӯрозмоиҳои универсалӣ, муай-тай-к1, каратэ-до, тенниси рӯи миз ба 480 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Дастовардони варзишгарони шаҳр бештар аз намудҳои гуштини самбо, зӯрозмоиҳои универсалӣ, муай-тай-К1, футбол ва каратэ-до дастболо гаштаанд. Аз мураббиёни боло зикршуда 2 нафар Мураббии дараҷаи 1 ва 6 нафар номзади Устодони Варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Мактаби варзишии шаҳр бинои маъмурӣ надошта, сохтмони бино ва иншоотҳои зарурӣ барои мактаби варзишӣ дар маркази шаҳр бо ҷалби маблағҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ҳатми мебошад.

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо дар солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Ҷумҳуриявӣ | Байналмилалӣ | Бозиҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷаҳонӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 16 | 3 | - | - | 19 |
| 2 | 2011 | 20 | 1 | - | - | 21 |
| 3 | 2012 | 37 | - | - | - | 37 |
| 4 | 2013 | 49 | 6 | - | - | 55 |
| 5 | 2014 | 26 | 8 | 1 | 1 | 36 |

*Ҷоизаҳои варзишгарони шаҳр дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010-2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 1 | 8 | 10 | 19 |
| 2 | 2011 | 2 | 5 | 14 | 21 |
| 3 | 2012 | 7 | 12 | 18 | 37 |
| 4 | 2013 | 12 | 11 | 32 | 55 |
| 5 | 2014 | 8 | 9 | 19 | 36 |

Иншоотҳои варзишии шаҳр дар бисёр мавридҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда ба таъмир эҳтиёҷ доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳр норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, майдонҳои футболбозӣ, волейболбозӣ ва дигар ашёву афзори варзишӣ, инчунин таҷҳизотҳои машқи бадан ба мушоҳида мерасанд. Қайд кардан зарур аст, ки то ба ҳолати 31.12.2014 аз ҳисоби буҷети шаҳр барои рушди варзиш зиёда аз 92 ҳазор сомонӣ, аз ин: дар соли 2011 дар ҳаҷми 24,5 ҳазор сомонӣ, дар соли 2012 дар ҳаҷми 38,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 дар ҳаҷми 17,8 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2014 бошад дар ҳаҷми 11,0 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст.

**Масъалаҳои ҷавонон.** Ба ҳолати 31.12.2014 дар шаҳри Сарбанд шумораи умумии ҷавонон 14283 нафарро ташкил медиҳад. Вале нарасидани марказҳои муосири ҷавонон, кружокҳои омӯзишии касбу ҳунарҳои мухталиф имкон намедиҳад, ки ҷавонон дар ин самт пурра фаро гирифта шаванд.

**Баробарии гендерӣ.** Дар шаҳр мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 31.12.2014 41564 нафар аҳолӣ вуҷуд дорад, ки аз он 21078 нафарашонро занон ташкил медиҳанд.

Дар шароити кунунӣ, занони шаҳр дар зинаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ фаъолият намуда, барои пешрафти ҷомеа саҳми арзанда доранд.

Ба ҳолати 31.12.2014 шумораи занони қобили меҳнати шаҳр 9751 нафар буда, аз ин 12 нафар хизматчии давлатӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 372 нафар дар соҳаи маориф (дар 15 муассисаи таълимӣ ба 13783 нафар толибилмон дарс меомӯзанд), дар соҳаи тандурустӣ 361 нафар (дар 16 муассисаҳои тиббии шаҳр), 30 нафар дар соҳаи фарҳанг, 57 нафар дар соҳаи коммуналӣ, 128 нафар дар соҳаи саноат кору фаъолият менамоянд. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад 1673 нафар занон кору фаъолият намуда, 5 нафар зан раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд ва саҳми арзандаи худро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар гузошта истодаанд.

Дар ин давра дар соҳаи варзиш аз ҳисоби ҷавондухтарон 2 нафар сохиби медали биринҷӣ гаштаанд. Айни замон шумораи кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон 79 нафарро ташкил медиҳад. Дар шаҳр 88 нафар занон бо соҳибкории хурду миёна машғул мебошанд ва аксаран заноне ҳастанд, ки дар маҳал зиндагӣ мекунанд.

*Ҳиссаи занони қобили меҳнат дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ш. Сарбанд ба ҳолати 31.12.2014.*




Бо мақсади амалӣ гардидани Барномаи давлатии «Пешгирии зуроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023» кормандони бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Сарбанд дар ҳамбастагӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Ҳамроз» дар доираи Лоиҳаи Пешгирии Зуроварии Хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Швейтсария ва Ташкилоти Олмонии GOPA маблағгузорӣ мешавад, дар байни аҳолии шаҳр роҷеъ ба мавзӯи зӯроварӣ дар оила пайваста суҳбату вохӯриҳо мегузаронад.

Бахри дар амал татбиқ намудани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар назди Бахши мазкур маркази машваратӣ таъсис дода шудааст, ки дар он намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, дин, ҳукумати шаҳр васоҳаи маориф шомил мебошанд.

Занону духтарони шаҳрак ба марказҳои хизматрасонӣ ба мисли кошонаи ҳусн ва сехи дӯзандагӣ ниёз доранд. Ҳамчунин бо мақсади паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот кушодани сехи дӯзандагӣ ва корхонаҳои хурди коркарди консервакунонӣ манфиатовар аст.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ (коммуналӣ)

**Таҳлили ҳолати воқеии соҳа.** Дар шаҳр барои таъмини аҳоли бо оби тозаи нӯшокӣ ва танзими масоили марбут ба об ба истифодабарандагон Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Сарбанд фаъолият намуда, дар ҳудуди шаҳр ва як қисми ҷамоати деҳоти «Ваҳдат»-и шаҳр хизматрасонӣ менамояд. Корхонаи мазкур соли 1997 ташкил шуда, дар он 108 нафар коргарон фаъолият менамоянд, ки аз он 25 нафар ҳайати муҳандисию техникӣ, 4 нафараш дорои маълумоти олӣ 8 нафар дорои маълумоти касбӣ-техникӣ мебошанд.

Дар тавозуни корхонаи номбурда 1 истгоҳи обтозакунӣ бо 5 адад агрегати обинтиқолдиҳандаи тамғаи 6 НДВ, 1 иншооти коллекторию тозакунии бо 8 бионаҳрҳои таҳшинкунанда пайвастгардида, 2 обанбор бо ғунҷоиши умумии 2000 м$^3$ оби нӯшокӣ, 3 км хатти магистралии аз обанбори НБО-и Сарбанд то истгоҳи обтозакунӣ, 9 км хатти обтаъминкунии баландфишори қутраш 300-400 мм, истгоҳи интиқоли пасобҳо ва истгоҳи тоза кардани обҳои истифодашуда мавҷуд мебошад. Корхонаи номбурда 22000 нафар аҳолии шаҳрро бо оби нӯшокӣ таъмин менамояд. Айни ҳол 71 % аҳолии шаҳр бо назардошти 300 хоҷагии ҷамоати деҳоти «Ваҳдат»-и шаҳр, бо оби тозаи нӯшокӣ шабонарӯз таъмин мебошанд. Хонаҳои истиқоматии баландошёнаи шаҳри Сарбанд 100%, ҳавлиҳо 15% ва 46 %-и корхона ва муассисаю ташкилотҳо ба хатти канализатсия пайваст мебошанд.

Дарозии умумии қубурҳои об 28 км ва коррезӣ (канализатсия) 29 км мебошад, аз ҷумла, шоҳқубурҳо (магистралӣ) 13 км ва қубурҳои обрасонӣ 12 км. Тамоми иншооти обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ солҳои 1964-1967 сохта шуда, айни ҳол 73% фарсудаю корношоям гашта, барои дар ҳолати кории техникӣ нигоҳ доштани он ҳар сол маблағи зиёд (хароҷот дар соли 2014 беш аз 179,2 ҳазор сомонӣ) масраф мегардад. Айни замон, 63% қубурҳои обтаъминкунӣ бо сабаби фарсудаю корношоям гардидан, ки ба таъмини мунтазами оби нӯшокӣ тавассути садамаҳои пайдарпай монеа мешаванд, ба ивазу барқарорсозӣ ниёз доранд.

Корхонаи мазкур дорои 12 адад техника ва таҷҳизот буда, аз он 7 адад коршоям (трактори Т40, 3 адад трактори МТЗ-80, мошини обпошии ЗИЛ-130, автомашинаи боркаши ЗИЛ-130 ва автомашинаи сабукрави хизматӣ жигули ВАЗ 21-07) ва 5 адад корношоям (мошини асенизатсионии ГАЗ-53, экскаватори ЮМЗ, мошини боркаш ГАЗ-53, мошини обпошии ЗИЛ-130 ва автомашинаи мусофиркаши рафик) буда, 3 ядакҳо мавҷуд мебошад. Техникаҳо ва таҷҳизотҳо истеҳсоли солҳои 1978-1980 буда, аксарияти техникаҳо ду-се баробар мӯҳлати истифодабариро гузаронидаанд, ки айни замон фарсуда ва корношояму таъмирталаб мебошанд.

Бинобар гуфтаҳои боло, дар доираи татбиқи Барномаи рушди шаҳри Сарбанд, зарур аст, ки корхонаи мазкур бо техника ва таҷҳизоти нав, ба монанди 1 экскаватори ХУНДАЙ ё ЮМЗ, 1 мошини асенизатсионии ЗИЛ, 1 гидрорукави ЗИЛ, боркунандаи фронталии КОМАТСУ, 1 автомашинаи обпошии МАЗ, 2 автомашинаи партовкашонии КАМАЗ таъмин карда шавад.

*Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ*

| Шаҳр ва ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ дошта | Бо фоиз, % | Аҳолии ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта | Бо фоиз, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳри Сарбанд | 15380 | 10920 | 71% | 4460 | 29% |
| Гулистон | 18144 | 12583 | 69,4% | 5561 | 30,6% |
| Ваҳдат | 8040 | 6640 | 82,6% | 1400 | 17,4% |
| Ҳамагӣ: | 41564 | 30143 | 72,5% | 11421 | 27,5% |

Нороасогии оби тозаи нӯшокии безарагардонидашудаи тавассути хатти обрасонӣ пешниҳодшаванда, дар ҷамоати Гулистон (30,6%) ва Ваҳдат (17,4%) ба назар мерасад.

Дар ҷамоати Гулистон деҳаҳои Эшонобод, Ботуробод 2, Оқгаза, Гулистон ва дар ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» деҳаҳои Табақчӣ, Навобод, Тоҷикобод, Устотоймас, Ҳаёти Нав, Зағертӣ ва Туятош бо хатти оби нӯшокӣ таъмин набуда, аҳолии деҳаҳо обро бо воситаҳои гуногун аз масофаи аз 400 то 1500 метр мекашонанд.

Аз ин лиҳоз, дар панҷ соли минбаъда дар доираи барномаи рушди шаҳр татбиқи лоиҳаҳои таъминоти аҳолии ҷамоатҳои зикршуда бо оби тозаи нӯшокӣ пешбинӣ мегардад, зеро ин яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Тибқи барномаи беҳгардонии таъминоти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, аз ҷониби корхонаи мазкур ба маблағи 310,0 ҳазор сомонӣ корҳои барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои таъминоти об, кашидани хатҳои оби нӯшокӣ амалӣ гардидаанд. Соли 2012 аз ҷониби ташкилоти USAID корҳои таҷдиду барқарорсозии 5,1 км хатҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва 3 насоси обкашии тамғаи 6 НДВ-315Д90 дар истгоҳи обтаъминкунии шаҳр, воқеъ дар деҳаи Вахш, ба маблағи зиёда аз 298 ҳазор сомонӣ таъмин карда шуд.

**Хадамоти рифоҳӣ.** Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бо баровардани ПСМ низ (партовҳои сахти маишӣ) машғул мебошад. Корхона вобаста ба ин самт дар ҳудуди маркази шаҳр ва ҷамоатҳои деҳот фаъолиятро ба роҳ монда, ҳамагӣ ба 35 корхона ва ташкилоту муассисаҳо ва 3561 хоҷагиҳои аҳолӣ (15360 нафар) хизмат мерасонад.

Дар корхонаи мазкур 1 автомашина ЗИЛ-130 ва 3 трактори МТЗ-80 барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ истифода мегарданд ва бениҳоят кӯҳнаву фарсуда буда, иваз намудани онҳо ба техникаи нав мувофиқи мақсад мебошад. Норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон корхонаро дар баровардани партовҳо бо мушкилот мувоҷеҳ мегардонад, зеро партовгоҳи масоҳаташ 18 га дар масофаи 5 км аз маркази шаҳр дуртар дар мавзеи Гулистони ҷамоати деҳоти «Гулистон»-и шаҳр, дар шафати шоҳроҳи Сарбанд - Данғара ҷойгир шудааст. Дар соли 2014 сатҳи ҷамъоварии ҳаққи хизматрасонӣ барои ПСМ ҳамагӣ 100%-ро (537 ҳазор сомонӣ) ташкил дод.

Илова бар ин корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳр инчунин ба кабудзоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва ороиши шаҳр машғул мебошад.

*Маълумот оид фаъолияти КДФ «ХМК»-и шаҳри Сарбанд дар солҳои 2012-2014*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | | | Соли 2013 | | | Соли 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | нақша | иҷро | % | нақша | иҷро | % | нақша | иҷро | % |
| 1. Даромад аз хизматрасонӣ | ҳазор сомонӣ | 1194,0 | 1231,0 | 103 | 1329,1 | 1366,2 | 102,8 | 1470,4 | 1485,3 | 101 |
| Аз он ҷумла: тозагии санитарӣ | | 240,0 | 249,2 | 104 | 496,6 | 491,7 | 99 | 422,8 | 422,8 | 100 |
| Аз аҳолӣ | | 220,0 | 229,2 | 104 | 466,6 | 466,6 | 100 | 386,8 | 386,8 | 100 |
| Аз соҳибкорон | | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Аз муассисаҳои буҷет | | 20,0 | 20,0 | 100 | 30,0 | 30,0 | 100 | 36,0 | 36,0 | 100 |
| 2. Хизматрасонии манзилӣ | ҳазор сомонӣ | 136,9 | 106,3 | 78 | 63,5 | 48,5 | 43 | 39,4 | 39,4 | 100 |
| 3. Маблағгузории буҷет барои ободонӣ | ҳазор сомонӣ | 550,3 | 550,3 | 100 | 450,0 | 499,0 | 102,8 | 517,5 | 532,4 | 102,9 |
| 4. Маблағгузории буҷет барои таъмири фонди манзил | ҳазор сомонӣ | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| 5. Ҳаҷми партовҳо баровардашуда | ҳаз.$м^3$ | 7600 | 7840 | 103 | 7800 | 7950 | 102 | 8500 | 8790 | 103 |
| 6. Шумораи шартномабастагон | адад | 2997 | 2997 | 100 | 3012 | 3012 | 100 | 3050 | 3050 | 100 |
| Аз ҷумла: бо аҳолӣ | адад | 2950 | 2950 | 100 | 2960 | 2960 | 100 | 3000 | 3000 | 100 |
| Бо соҳибкорон | адад | 25 | 25 | 100 | 28 | 28 | 100 | 25 | 25 | 1000 |
| Бо муассисаҳои буҷет | адад | 22 | 22 | 100 | 24 | 24 | 100 | 25 | 25 | 100 |

Дар асоси нақшаи генералӣ ва дар доираи Барномаи рушди шаҳр барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ, таҷдиди 29 км хатти канализатсия бо пайвастшавии 40 иншоот ва бунёди хатти таъминоти оби нӯшокӣ ба масофаи 28 км бо пайвастшавии 69 иншоот пешбинӣ шудааст. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2016-2020 ташкил намудани муассисаҳои коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо пешбинӣ гардидааст.

Муассисаи КДФ-и «Хоҷагии манзилию коммунали»-и шаҳри Сарбанд умуман қуттиҳои партовҷамъкунӣ надорад, аз ин лиҳоз лозим аст, ки он бо 95 адад қуттии партовҷамъкунӣ ва 2 мошини махсуси партовкашонии КАМАЗ таъмин карда шавад.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар шаҳр ба ҳисоби миёна ҳар сол 15234 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 ҳаҷми партовҳои сахти маишии (ПСМ) баровардашуда, аз ҳисоби аҳолӣ 12117 $м^3$, аз ҳисоби муассисаҳои буҷавӣ 2771 $м^3$ ва корхонаҳо 346 $м^3$-ро ташкил медиҳад, ки ба як нафар аҳолии шаҳр тахминан 0,78 $м^3$ рост меояд. Меъёри ҷамъшавии партовҳо ба сари ҳар оила бошад 3,4 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ дар шаҳр дар як шабонарӯз 7,11 $м^3$ партовҳо кашонида мешаванд.

*Ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ*
*дар шаҳр дар солҳои 2013-2014. (м3)*




Дар шаҳр ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи коммуналии шаҳр, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди шаҳр барои ҳалли масъалаи зикргардида ташкил намудани корхонаи коркарди партовҳои сахти маишӣ пешбинӣ мегардад.

***Мушкилоти асосии соҳа***: талафоти зиёд аз офатҳои табиии марбут ба об дар мавсими боришот, иқтидори пасти техникӣ ва эҳтиёҷ доштани КДФ «Хоҷагии манзилию комуналӣ»-и шаҳр ба техникаҳои партовкашонӣ, обпошдиҳанда, экскаватор, асенизатор ва техникаи боркашонӣ, мавҷуд набудани хатти оби нӯшокӣ дар аксарияти деҳаҳои шаҳр, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо мебошад.

**4.2. Таъмини барқ**

Дар шаҳр ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии шаҳри Сарбанд» машғул буда, он тобеъи ҶСК «Шабакаҳои барқии ҷануб»-и вилояти Хатлони минтақаи

Қурғонтеппа буда, аз соли 1981 инҷониб фаъолият дорад. Айни замон, теъдоди кормандони он 50 нафар буда, аз ин шумора 9 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 22 корхонаи саноатӣ, 12 адад корхонаҳои ғайрисаноатӣ, 13 муассисаю ташкилотҳои буҷавӣ, 29 ташкилоти буҷети маҳаллӣ ва 1 адад корхона ва 4 стансияҳои обтаъминкунии шаҳр, инчунин ба 93 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 21631 муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) шаҳри Сарбанд хизмат мерасонад.

Манбаи асосии барқтаъминкунанда НБО-и шаҳри Сарбанд мебошад. Дар тавозуни корхонаи зикршуда 4 зеристгоҳи барқӣ аз қабили ЗИБ «Калининобод» 110/35-6 кВ, ЗИБ «Промводхоз» 110/35/10 кВ, ЗИБ «Перевалочная» 35/6 кВ, ЗИБ «Насос–4А Оқгаза» 35/6 кВ, ЗИБ «Сангтуда-2» 35/6 кВ ва 23 чашмак, қарор дорад. Шумораи умумии трансформаторҳои қуввагии гуногунтамға 200 адад буда, (аз ин шумора 128 трансформатор дар тавозуни Шабакаҳои барқи шахри Сарбанд ва 72 трансформатор дар тавозуни истифодабарандагон қарор дорад), тавоноии умумии онҳо ба 61268 кВА баробар мебошад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 6-10 кВ 123,818 км, дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВ 124,132 км буда, 100%-и аҳолиро бо нерӯи барқ таъмин менамояд.

Аз ҷониби муштариён дар соли 2014 ба миқдори 183,86 ҳазор кВт/соат барқ истифода шудааст. Талафоти технологӣ ба 18% баробар гардидааст.

Ҳамзамон, дар давраи мазкур ба миқдори 1033,3 ҳазор кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 260,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин ба аҳолӣ ба миқдори 536,4 ҳазор кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки он нисбати соли гузашта 103% зиёд мебошад.

*Миқдори фурӯши қувваи барқ дар шаҳри Сарбанд дар давоми солҳои 2012 – 2014.*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумии фурӯши қувваи барқ | сомонӣ | 4151477,78 | 4129332,82 | 4753133,72 | 114,5 |
| 2 | Ҳаҷми умумии истифодаи қувваи барқ | кВт/с | 68304425 | 69404618 | 63204717 | 92,5 |
| 3 | Аз ҷумла, ба аҳолӣ | сомонӣ | 1556892,2 | 1964762,8 | 2611457,3 | 167,7 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 15151525 | 20862138 | 27706710 | 182,8 |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 2392015,76 | 1960864,10 | 2147190,56 | 89,7 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 47132280 | 46994698 | 33977817 | 72 |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) |  |  |  |  |  |
|  | - ба аҳолӣ | Дирам | 9, 11 | 11 | 12,60 | 138 |
|  | - ба соҳаи тиҷорат | Дирам | 23,1 | 23,1 | 36,0 | 156 |
| 6 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | сомонӣ | 12963017,39 | 15608126,97 | 14653490,96 | 113 |
|  | - ба аҳолӣ | сомонӣ | 1664589,34 | 1994661,76 | 2654830,69 | 159,4 |
|  | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 11298420,95 | 13613458,2 | 11998653,22 | 106,1 |
| 7 | - талафоти умумӣ | % | 6% | 5,9% | 7,5% |  |

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқолии барқии 0,4-6-10 кВ ба шумор меравад. Сохтмони он ба солҳои 60-уми асри гузашта рост омадааст ва дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ ва барқароркунӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилоти иловагиро дар фасли зимистон пеш меоварад.

Ин мушкилотро дар деҳаҳо, маҳаллаҳои навбунёд ва маркази шаҳр мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти ин масъалаи иваз намудани пояҳои чӯбин ба пояҳои оҳану бетонӣ ва инчунин дар ҳолати сарборӣ (нагрузка) қарор гирифтани трансформаторҳои 10-6-0,4 кВ ба трансформаторҳои тавоноияшон баланд ба миён омадааст. Барои беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунӣ ва инчунин кам намудани

талафотҳои технологии Шабакаҳои барқӣ, зарурияти иваз намудани ХИБ-10-6 кВ бо дарозии 27,1 км (529 –адад пояҳои чубини фарсуда), ХИБ-0,4 кВ бо дарозии 42 км (644-адад пояҳои чӯбини фарсуда), трансформаторҳои 0,4-6-10 кВ (37 адад) ба миён омадааст.

Бо назардошти ин ба нақша гирифтани таъмиру барқарорсозии 26 км ХИБ 6 кВ аз чашмаки №11, таҷдиди НБО-и шаҳри Сарбанд бо иқтидори 240 МВт, бунёди 70 км ХИБ 0,4 кВ дар ҳудуди маҳаллаҳои аҳолинишини шаҳр, бунёди 46 км ХИБ 10 кВ барои маҳаллаҳои навбунёд, таҷдид намудаёни ЗИБ 35/6 кВ "Перевалочная" ва "Промводхоз" 110/35/10 кВ, насб намудани 18 адад трансформаторҳо (бо тавоноии аз 400 то 630 кВА) ва таҷҳизоти зарурии барқӣ (КТП, тақсимкунак ва ғайра) дар кӯчаҳои Обшорон, М. Турсунзода ва деҳаҳои Устотоймас, Навобод, Тоҷикобод, Боҳтуробод, Оқгаза, Вахш, Гулистон, Истиқлол, Зағертут ва ҳамаи маҳаллаҳои навбунёд лозим ва ҳатмӣ мебошад.

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2014 ҳамагӣ 47,5 миллион сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 6 миллион сомонӣ зиёд мебошад, ки ба афзоиши аҳолӣ ва талаботи он алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон мебошад. Қарздории асосӣ ба аҳолӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2014 тақрибан 2,6 миллион сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 990 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ ин сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани музди меҳнат ва паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадани ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

Бо сабаби қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ба шаҳр аҳолӣ аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ин ҳолат боиси аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти барқ оварда мерасонад. Ин ҳолатро махсусан дар фасли сармо мушоҳида намудан мумкин аст. Аҳолии деҳаҳо низ аз истифодаи гази табиӣ маҳрум буда, манбаи асосии истифодабарии гармӣ барои онҳо қувваи барқ, ҳезум, ангишт ва ғайра ба шумор меравад. Илова бар ин, хонаҳои баландошёнаи шаҳр аз сабаби кор накардани шабакаи гармидиҳӣ, таҷҳизотҳои гармидиҳии барқиро истифода менамоянд ва ин ҳолат зарурати иваз намудани трансформаторҳои мавҷударо (ба трансформаторҳои иқтидораш зиёд) ба миён овардааст.

Барои таъминоти барқи маҳаллаҳои навбунёди Обшорон, Навобод, Устотоймас, Истиқлол, Оқгаза ва Боҳтуробод сохтмони 124 км ХИБ-10-6 кВ, 205 км ХИБ-0,4 кВ ва насби 15 адад ЗИТ-10-6/0,4 кВ (зеристгоҳҳои трансформаторӣ) лозим мебошад.

**Мушкилоти мавҷудаи соҳа:** кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ, иқтидори нокифояи трансформаторҳои мавҷуда ва зеристгоҳҳои барқӣ, мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо, корношоям гаштани симчӯбҳо ва пояҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи БРН барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳа ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

### 4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ

Робитаи аҳолии шаҳри Сарбанд бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳрҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа-Данғара сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳҳо маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази вилоят ва ҷумҳурӣ бароварда мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии шаҳр нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо ва мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

Дар шаҳри Сарбанд Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард (МДНРА) ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои шаҳр машғул буда, тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муассиса 34 нафар кор ва фаъолият менамоянд, ки аз он 6 нафар зан мебошанд. Муассисаи мазкур 10 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад (автомашинаҳои НИВА Шевролет, ЗИЛММЗ554, ЗИЛ 431, МАЗ5549, ИСУЗУ, 2 автогрейдер, боркунаки фронталӣ, экскаватори Катапилер, трактори МТЗ-80), ки аз инҳо 8 ададаш коршоям буда, 2 техникаи боқимонда таъмирталаб буда, барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур аст.

Барои беҳтар намудани базаи моддию техники МДНРА-и шаҳри Сарбанд ва беҳтар намудани фаъолияти он дастрас намудани 1 адад автомашинаи мумфаршкунанда тамғаи Катапиллер, 1 адад боркунаки фронталии ҳаҷмаш 2,5 $м^3$ тамғаи Коматсу, 1 адад техникаи мумкирпахшкунанда (каток 5 тн), 1 автомашинаи қумпошдиҳанда, таҷҳизоти кафшергарии дизелӣ, 1 адад трактори МТЗ 80, 1 адад автомашинаи боркаши КАМАЗ, 1 адад мошини битумкашӣ, 1 адад таҷҳизоти мумгармкунанда, 1 адад экскаватори ХУНДАЙ, 1 автомашинаи обпошӣ ва 1 адад автокран зарур мебошанд.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 111,7 км роҳи автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, ки аз ин 37,2 км роҳи аҳамияти байналмилалидошта, 21 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 53,5 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта мебошад. Роҳҳои маҳаллӣ қисман 30 % дар ҳолати қаноъатбахш қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст.

Роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ бо назардошти минтақаи саноатии шаҳр бо фарши асфалт 94 км, бо фарши шағалпӯш 57 км буда, дигар роҳҳои боқимонда рӯйпӯш надоранд. Роҳҳои мошингарди маҳаллӣ, ки маркази шаҳрро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд, 80% ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар шаҳр инчунин 6 купрук, ки дарозии умумиашон 162 метрро ташкил медиҳад, вуҷуд доранд. Соли 2014 таъмиру барқарорсозии 3 купрук дар роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа-Данғара ва дар роҳи маҳаллии Сарбанд-Гулистон ба маблағи 2800 сомонӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ таъмири ҷорӣ ба анҷом расонида шуд.

Соли 2014 ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Сарбанд барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо бо дастгирии буҷетӣ маҳаллӣ 62,5 ҳазор сомонӣ ва аз буҷети ҷумҳуриявӣ 209 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра азхуд карда шудааст, аммо он барои иҷрои пурраи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳу купрукҳо кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ 84,0 ҳазор сомонӣ барои як километр муайян шудааст. Ҳолати техникии 65% роҳҳои мавҷудаи маҳаллии шаҳр ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ намебошанд.

*Нишондодҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ дар шаҳри Сарбанд*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | Ҳазор тонна /км | 56,4 | 59,3 | 61,3 |
| 2 | Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | Ҳаз.мусофир/км | 17,4 | 19,8 | 21,2 |

Дар доираи Барномаи рушди шаҳр таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубинии роҳҳо пешбинӣ мегардад, зеро барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди шаҳр дар солҳои 2016-2020 тақрибан 41 миллион сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Мусофиркашонӣ ва боркашонии шаҳр тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Дар ин соҳа 362 мошин, аз ҷумла 36 адад мошини боркаш, 2 автобус ва беш аз 324 нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мерасонанд. Инчунин, дар соҳаи мазкур зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 2 нафар тариқи автобусҳо ва 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии шаҳрро ба қадри ҳол қонеъ мегардонанд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:*** дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои шаҳр, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва набудани техникаи ҳозиразамон дар МДНРА-и шаҳр.

Ба нақша гирифтани таъмири асосии 12 км роҳи автомобилгарди Сарбанд-НБО-и Сангтуда 2, сохтмони купруки мошингард дар деҳаи Вахш, таъмир ва барқарорсозии 4 км роҳи автомобилгарди Сарбанд-Зағертут ва таъминоти моддию техникии МДНРА-и шаҳр дар давоми 5 соли оянда зарурат доранд.

**4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ**

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар шаҳр қитъаи техникии филиали ҶСК «Тоҷиктелеком» фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 2580 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 19 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 1241 адад). Дар қитъаи техникӣ 9 корманд ва 1 мутахассис фаъолият мекунанд. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2014 таъминоти аҳолӣ бо дастгоҳҳои телефонӣ (ба ҳазор нафар) 30 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2012 - 45 адад ё худ 104% зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин ва бархурдор будан аз бинои маъмурию таҷҳизоти ҳозиразамон рақобатпазирии корхона дар сатҳи паст қарор дошта, аҳолӣ фаъолона ба истифодаи алоқаи мобилии ширкатҳои хусусии «ТСелл», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» гузашта истодааст.

Дар шаҳр 1 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ мавҷуд буда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои телевизионии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи якум»-ро тамошо кунанд. Фарогирии барномаҳои телевизионӣ дар шаҳр чунин аст:

- ТВ «Сафина» 94%;
- ТВ «Баҳористон» 87%;
- ТВ «Ҷаҳоннамо» 91 %;
- ТВ «Шабакаи якум»-97 %.

Моҳе 1 маротиба дар шаҳр рӯзномаи «Нури Сарбанд» бо забони тоҷикӣ бо теъдоди 1000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии шаҳр огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ рӯзномаи «Нури Сарбанд» дар шаҳри Қурғонтеппа интишор мегардад, ки ин арзиши аслии рӯзномаро ба аҳолии деҳот гаронтар мекунад. Мушкилоти дигар барои матбааи шаҳр надоштани технологияи муосир ва асбобҳои сабти овозу симо мебошад.

Аҳолии шаҳр ба алоқаи интернет дастрасии маҳдуд дошта, ба интернет асосан тавассути хизматрасонии ҶСК «Тоҷиктелеком» сурат мегирад. Айни замон 12 корхона ва ташкилоту муассисаҳо ва 10 нафар муштариён аз ҳисоби аҳолӣ ба интернет пайваст карда шудаанд.

***Мушкилоти соҳа.*** Набудани алоқаи интернет барои сокинони деҳаҳои дурдаст, фарсуда шудани хатҳои тақсимотии интиқоли мавҷҳо ва ба талаботи муосир ҷавобгуй набудани хизматрасонии телевизионӣ ва ғайра.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Назорат ва таъмини ҳифзи муҳити зистро дар шаҳр Бахши ҳифзи муҳити зисти шаҳри Сарбанд ба ӯҳда дошта, аз 5 нафар кормандон (мудир, сармутахассис, 1 нафар мутахассис, муҳосиб ва котибот бо тариқи шартномавӣ) иборат мебошад. Вазифаи асосии бахши мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (ҳаво, об, партов, замин, олами наботот ва ҳайвонот, канданиҳои фоиданок, ҳифз ва захираҳои моҳӣ ва дигар захираҳо) буда, дар шаҳр як қатор масъалаҳои ҳалталаб андешидани тадбирҳои заруриро тақозо менамояд.

Бинобар боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо, боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад. Манбаи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббӣ ва хадамоти байтории шаҳр мебошанд. Муассисаҳои тиббиро зарур аст, ки бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок таъмин шуда, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкерро ба роҳ монанд. Айни замон дар шаҳри Сарбанд чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ин омилҳо ба зиёд шудани касалиҳо дар байни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад. Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ша[р барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Мушкилии дигар ин норасоии дастрасии аҳолии ҷамоатҳои деҳоти шаҳр ба оби тозаи нӯшокӣ мебошад.

Таъсири зарари иқтидори соҳаи саноат дар шаҳр ҷойдошта, дар мавриди ба талаботҳои риоя нагардидани қоидаҳои ҳифзи муҳити зист аз ҷониби истеҳсолкунандагон ба ҳолати экологии шаҳр таъсири антропогении худро мерасонад. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди шаҳр асосан аз ихроҷи нақлиёти автомобилӣ, ки ба 2020 адад мерасад ва корхонаҳои саноатӣ ифлос мегардад.

Дар баробари ин, то кунун таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатии ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Аммо, дар корхонаҳои мавҷуда мушоҳида оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда шудааст.

*Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо аз корхонаҳои саноатии шаҳр*

| Номгӯй моддаҳои зараровар | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 292,567 | 813,1 | 632,402 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 182 | 767,7 | 492,27 |
| Газмонанд ва моеъ: | 110,56 | 45,5 | 140,215 |

Яке аз самтҳои асосии соҳаи ҳифзи муҳити зист, ки муҳити солимро барқарор менамояд, ин олами наботот мебошад. Вобаста ба ин дар давоми соли 2014 тибқи шақшаи муайяншуда дар шаҳр шинонидани шумораи 15 ҳазор бех ниҳолҳои ороишӣ, сояафкан ва ҳамешасабз ба нақша ворид карда буд, ки дар натиҷаи корҳои дар ин самт ба анҷом расида, 15,1 ҳазор бех ниҳолҳо шинонида шуда, ин нишондод дар маҷмӯъ 100,7 %-и нақшаро ташкил дод. Аз шумораи умумии ниҳолҳои шинонидашуда, 5,7 ҳазор бех ниҳолҳои сояафкан, 6 ҳазор бех ниҳолҳои ҳамешасабз ва 3,4 ҳазор бех ниҳолҳои ороишӣ мебошанд.

Мақсади асосии самти мазкур зиёд намудани ниҳолҳо, назорати доимӣ ва нигоҳубини ниҳолҳои шинонидашуда аз ҳолати хушкшавӣ буда, дар ин самт бо аҳолӣ, кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи шаҳр суҳбату вохуриҳоро мунтазам доир намуда, корҳои таблиғотию ташфиқотиро ҷоннок намудан лозим.

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи санҷиши мутахассисони соҳа вобаста ба шумораи умумии ниҳолҳои дар мавсими кабудизоркунии тирамоҳи соли 2013 ва баҳори соли 2014 шинонидашуда муайян гашт, ки аз ин шумора дар шаҳр 1920 бех ниҳолҳо бо сабаби бемасъулиятӣ хушк шуда, ин нишондод 12,7%-и хушкшавиро дар шаҳр ташкил мекунад. Аз ин ҳисоб талафоти молиявии ниҳолҳои хушкшуда мутаносибан зиёда аз 25,0 ҳазор сомониро ташкил дод.

Рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар шаҳр зери назорати Бахш қарор дошта, дар давоми солҳои 2010-2014 дар масоҳати 200 га боғҳои нав бунёд карда шуданд. Аз ин ҳисоб 50,7 га зардолу, 25,5 шафтолу, 25 га олу, 19,9 га бодом, 13,2 га гелос, 12 га анор, 7 га чормағз ва дар масоҳати боқимонда ниҳолҳои олуболу, биҳӣ, нок, анҷир, себ, ангур ва хурмо шинонида шуданд.

Бо назардошти кам будани заминҳои корами обӣ, дар оянда ҷиҳати рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар доманакуҳҳо ба роҳ монда шавад.

***Мушкилиҳои асосии*** соҳаи мазкур, ки тавассути онҳо сатҳи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

– яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳалталаби экологӣ дар маркази шаҳр баланд шудани обҳои зеризаминӣ мебошад;
– иқтидори системаи безараргардонии паспартовҳои шаҳр, ки аз ҳавзҳои тагшин иборатанд бо сабаби пур шудани ҳавзҳо талаботи ҳозираи шаҳрро қонеъ гардонида наметавонанд.

### 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо

Шаҳри Сарбанд дар қисмати марказии вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Масоҳати шаҳри Сарбанд 131,09 километри мураббаъро ташкил дода, шумораи аҳолии он 41564 нафар мебошад. Дар ҷамоатҳои деҳоти «Ваҳдат» ва «Гулистон»-и шаҳр минтақаҳои хавфноку хатарнок мавҷуд буда, аз шумораи умумии 14 деҳаҳои шаҳр 7 деҳа (Навобод, Тоҷикобод, Зағертӣ, Вахши ҷамоати деҳоти «Ваҳдат» ва деҳаҳои Гулистон, Боҳтуробод-2, Эшонободи ҷамоати деҳоти «Гулистон») мувоҷеҳи офатҳои табиии (сел) мебошанд, ки 50%-и нуқтаҳои аҳолинишинро ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии (6921 адад) хоҷагиҳои хонагии шаҳр, 464 хоҷагӣ ё 6,7%, дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 3173 нафар ё ин ки 2,8%-и аҳолӣ истиқомат менамоянд. Манбаи асосии хавфи офати табиӣ сел ва обхезии дарёи Вахш мебошад.

*Маълумот оид ба маҳаллаҳои дар минтақаҳои хавфнок ва ниҳоят хавфнок ҷойгиршуда*

| Номи маҳаллаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгирифта | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хавфнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Хулосаи геологӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ҷамоати деҳоти Ваҳдат | | | | |
| Навобод | 85 | 679 | Сел, обхезӣ | нест |
| Тоҷикобод | 82 | 533 | Сел, обхезӣ | нест |
| Зағертӣ | 119 | 714 | Сел, обхезӣ | нест |
| Вахш | 140 | 867 | Сел, обхезӣ | нест |
| Ҷамъ: | 426 | 2793 | | |
| Ҷамоати деҳоти Гулистон | | | | |
| Эшонобод | 22 | 200 | Сел, обхезӣ | нест |
| Ботуробод 2 | 12 | 160 | Сел, обхезӣ | нест |
| Гулистон | 4 | 20 | Сел, обхезӣ | нест |
| Ҷамъ: | 38 | 380 | | |
| Ҳамагӣ дар шаҳри Сарбанд | 464 | 3173 | | |

***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар шаҳр.*** Айни замон, дар шаҳри Сарбанд 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| | | |
|---|---|---|
| Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком») | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) 1 адад | Ноқил 400 метр | Маводҳои сузишвории дизелӣ 1 тонна. |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШВКД) | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- 32 нафар<br>Нақлиёти автомобилӣ-- 3 адад | Сӯзишвории дизелӣ 200 литр<br>Бензин 200 литр | Маводи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ, таҷхизоти компютерӣ, воситаҳои алоқа, автомашинаи махсус, сару либос, масолехи бинокори ва утоқҳои корӣ |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- 36 нафар<br>Автомашинаи сӯхторхомӯшкунӣ 2 адад | Сӯзишвории дизелӣ 300 литр<br>Бензин 300 литр | Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона<br>Ниқоби муқобили газ 6 дона<br>Халтаи боргирӣ 12 дона<br>Дастгоҳи ҳавои тоза 10 адад |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 34 нафар<br>ЗИЛ ММ-554 -1 адад<br>Булдозер Исузу - 1 адад<br>Экскаватор Катапиллер- 1 адад<br>Автогрейдер - 2 адад | ГСМ- 200 литр<br>Сӯзишвории дизелӣ- 600 литр | Булдозер 1 адад<br>Мошини боркашонӣ 1 адад<br>Дигар лавозимоти зарурӣ |
| Хадамоти коммуналӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Техникаи автомобилӣ:<br>ЗИЛ – 130 - 1 адад<br>Кормандон 50 нафар | Бензин – 200 литр<br>Сӯзишвории дизелӣ - 100 литер | МСМ (ГСМ) 2,5 тонна<br>Автомашинаи АСМ 1адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ 1 адад<br>Трактори Т 28 1 адад<br>Эксаватор боркунак 1 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 8 нафар<br>Автомашинаи сабукрав1 адад<br>Лабораторияи паразитология 1 адад<br>Яхдон 1 адад<br>Микроскоп 1 адад | Вуҷуд надорад | Маводи безараркунанда 200 кг<br>Бино ва ташхисгоҳи бактералогӣ<br>Камераи сайёр 1адад<br>Муҳаррик 1адад<br>Дистиллятор 2 адад<br>Либосҳои махсус 6 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили чума 2 адад<br>Автомашина санитарӣ 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобил УАЗ-469 – 1 адад | 40% маводҳои доруворӣ лозимӣ | Таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, чойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 28 нафар<br>Автомашинаи УАЗ 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10 кв 1 адад | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А-35-70 кг | Симчӯбҳо 12 дона<br>Сӯзишворӣ 0,6 тонна<br>Равғани техникӣ 15л |

| | | |
|---|---|---|
| Зеристгоҳи 35 / 0/4 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 10 /04- 109 адад<br>ХИБ- 04 -35АБ —620км | А-70-40 кг<br>Изолятори ШФ-10кв 70 адад<br>Изолятори ТФ- 20 60 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона | Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД 1 воҳид<br>Ноқили барқии А-50- 0,5 т<br>Трансформаторҳо – 160кв 1 адад<br>Трансформаторҳо – 250 кв 1 адад<br>Ноқили АПВ-35-50.70- 800 м<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок)-63.63 40 кг<br>Электрод 5 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошинҳои ёрии таъҷилӣ 2 адад | 40 % аз эҳтиёҷоти маводҳои Дорувори тиббӣ.<br>Сӯзишворӣ дизелӣ 150л | МСМ (ГСМ) 0,5 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Дефлиблирятор 1 адад<br>Дизкамера1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-6 1 адад<br>Хайма 6 дона |

Бояд қайд кард, ки дар шаҳр 5 минтақаҳои хавфнок мавҷуд аст. Аз он ҷумла:

– 4 километри роҳи нақлиётгарди Сарбанд–Зағертут, ки дар натиҷаи боронҳои пай дар пай ва омадани сел ҳамасола қубури обгузари таги роҳро шуста мебарад;
– дар тарафи рости километри 14 шоҳроҳи Сарбанд–Данғара, обанбори сунъие ба амал меояд, ки ин боиси хавфи кандашавии шоҳроҳ ва хатари зери обу лой мондани аҳолии деҳаи Тоҷикобод мегардад;
– купруки канали СМК-1, ки деҳаҳои Тоҷикободу Навободро бо шаҳр мепайвандад, ҳангоми боришоти зиёд сел аз деҳаи Тоҷикобод баромада тавассути купрук манзилҳои истиқоматии кӯчаҳои У. Хайём ва Фирдавсиро зери лойу гил менамояд;
– қубури обпартое, ки зери роҳи нақлиётгарди Сарбанд-Истиқлол қарор дорад, ҳамасола ҳангоми боришот деҳаи Устотоймас шуста, хавфи канда шудани роҳи нақлиётгардро дорад;
– лағжиши кӯҳ дар шафати роҳи Сарбанд-Сангтуда 2, ки ҳангоми боришоти зиёд ба амал омада, роҳи нақлиётгардро пурра банд карда, таҳдиди аз байн бурдани роҳро дорад.

Вобаста ба ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда зарур аст, ки маводҳои захиравиии моддиро такмил дода, махсусан ҷиҳати пешгирии омадани сел ба кӯчаҳои У. Хайём ва Фирдавси ду тарафи купрукро бо ҷуйборҳои оҳану бетонӣ васл намудан зарур аст.

***Мушкилиҳои асосӣ***. Оид ба пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ дар шаҳр, ин такмил додани маблағҳои пешбинишуда дар буҷет, ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта, барои таъсиси системаи огоҳкунӣ ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазир ба мақсад мутобиқ мебошад. Инчунин самаранок фаъолият накардани баъзе аз хадамотҳои мудофиаи гражданӣ дар шаҳр ба назар расида ва мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки шаҳр мебошад.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

**Таъминоти буҷавӣ.** Сарчашмаи асосии маблағгузории БР шаҳри Сарбанд аз ҳисоби буҷети шаҳр, буҷети вилоят, буҷети ҷумҳуриявӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барнома ҷалб карда мешаванд, инҳо дохил мешаванд:

- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои Барнома;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- Маблағҳои сармоягузорони хориҷӣ, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Сармояи муҳоҷирони меҳнатии бурун марзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.

Қисми даромади буҷети шаҳри Сарбанд аз ҳисоби 10 намуди андоз ташаккул меёбад. Даромади буҷети шаҳр солҳои охир зиёд шудааст. Динамикаи афзоиши даромадҳои буҷет дар соли 2014 нисбати соли 2012 тақрибан 113,5 %-ро ташкил намуд. Дар таҳияи қисми даромади буҷет иҷро нашудани нақша мушоҳида намешавад.

*Ҷадвали қисми даромади буҷети шаҳри Сарбанд*

| Сарчашмаи даромад | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ фоида | 6061339 | 4492123 | 7836185 |
| Андоз аз фоида даромади шахсони воқеӣ | 246367 | 3788756 | 2968757 |
| Андоз ба арзиши иловагӣ (НДС) | 3568370 | 2896517 | 5425220 |
| Андози замин | 107638 | | |
| Андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ | 127314 | 222370 | 49060 |
| Андози хадди акал | 1676690 | | |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 1916471 | 713368 | 1451368 |
| Андоз бо низоми соддакардашуда | 1020357 | 1043988 | 816988 |
| Андози ягона | 217072 | | |
| Боҷи давлатӣ | 194644 | 408185 | 273400 |
| Андоз аз моликияти ғайриманқул | 662595 | 1243802 | 919065 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 219102 | 383570 | 559636 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 1809099 | 13090155 | |
| Дигар даромадҳо (патент, шаҳодатнома, декларатсия) | 223860 | 413065 | 191065 |
| Ҳамагӣ андозҳо: | 18050918 | 15605744 | 20490744 |

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба маблағгузории сохторҳои дигар, ки қисми асосии онҳоро хароҷоти иҷтимоӣ (78 %) ташкил мекунанд, равона карда мешавад.

